БЕ «ОБЛАВА»! СУПОРИШИ ҚАТЪИИ ШЕРАЛӢ МИРЗО ДАР ОҒОЗИ ДАЪВАТ с.2

ТОЛИБОН. ТАРҲИ ҲАМЛА БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ с.4

ФУРҚАТИ САИД: ДАРДИ МАН ДАРДИ «ШАШМАҚОМ» с. 9

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№39 (1498)
28.09.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! ~

1992-2022

ҲАНГОМА ВА ВОҚЕИЯТ: РОНДАНИ ГУРЕЗАҲОИ АФҒОН АЗ ТОҶИКИСТОН



РУСҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

Бо онҳо чӣ гуна муносибат мебояд?

с.5

ҚИРҒИЗИСТОН

Талаби истеъфои Қамчибек Тошиев

с.4

ОПЕРАТОРОНИ БЕСАЛОҲИЯТ

Онҳо муштариёнро сарсону саргардон мекунанд

с.6

«ИСЁНИ АРӮСОН» ВА «СУПЕР ДУХТАРАК»

Театрҳои кишвар дар мавсими нав чӣ намоиш доранд?

с.7

БИЁ, КИ ФОЛАТ БИНАМ!

Инсонҳо кай аз макри соҳирон раҳоӣ меёбанд?

с.10

ВАРЗИШ

Тоҷикистон барандаи ҷоми KING'S CUP - 2022

с.15

ARZON.TJ | Сайт объявлений

Mercedes-Benz C-Класс, 1998

Объявление можно увидеть отсканировав QR код.

www.arzon.tj
Посетите наш сайт

Больше информации по номеру
(+992) 000-88-29-18



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани “Пайванд”, Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

МАКТАБЕ НОМИ ДАМИРБЕК ОЛИМОВРО ГИРИФТ

Маҷлиси вакилони шаҳраки Ғончии ноҳияи Деваштич қарор содир кард, ки мактабе дар ноҳияи мазкур ба номи овозхон Дамирбек Олимов гузошта шавад.

Аз қарор бармеояд, ки Мактаби санъати бачагонаи шаҳраки Ғончии ноҳияи Деваштич ба номи овозхони марҳум Дамирбек Олимов гузошта мешавад.

Ёдовар мешавем, ки сарояндаи шинохтаи тоҷик Дамирбек Олимов шаби 5-уми феврали соли равон бар асари садамаи нақлиётӣ ба ҳалокат расид. Ӯ ҳамагӣ 33 сол дошта, оиладор ва падари се фарзанд буд. Марҳум дар ансамбли шашмақомхонии «Нури Хуҷанд», ки роҳбариашро Ҷӯрабек Муродов ба уҳда дорад ва ҳамчунин дар ансамбли созу овози «Садои Суғд» фаъолият мекард.

ВАРЗОБ СОҲИБИ КОРХОНАИ ПИВО МЕШАВАД

Ширкати “Алибобо ва 40 К” дар ҳудуди ноҳияи Варзоб корхонаи истеҳсоли маҳсулоти оби ҷав ва тарабхона бунёд мекунад.

Қарори Ҳукумати кишвар барои додани қитъаи замин ба ин ширкат ҷиҳати сохтмони корхонаи замонавии истеҳсоли маҳсулоти оби ҷав, нӯшокиҳои ташнагишикани гуногунранг ва тарабхонаи брендӣ бо фурӯши маҳсулоти оби ҷав имзо шудааст.

Гуфта мешавад, ки қитъаи замини 5,27 гектар корами обӣ ва 0,73 гектар дигар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашавандаро ширкати “Алибобо ва 40 К” ба истифодаи бемуҳлат бе ҳуқуқи бегонакунии ҳуқуқи истифодабарӣ мегирад.

Дар ин санад дастур дода шудааст, ки қитъаи замини мазкур аз КВД “Лучоб” дар қаламрави ноҳияи Варзоб гирифта шавад.

“Алибобо ва 40 К” уҳдадор мешавад, ки то гирифтани қитъаи замин товони зарари заминистифодабарандаро дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд. Ҳамчунин, ширкат бояд маблағи талафи вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиши кишоварзиро ба суратҳисоби махсуси буҷети ҷумҳуриявӣ ҷуброн намояд. Ҳаҷми ин маблағ 1 млн 276 ҳазору 932 сомонӣ зикр шудааст.



93 000 СОМОНӢ БА ҒОЛИБОНИ ОЛИМПИАДА ДАР ХАТЛОН

Дар Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант олимпиадаи минтақавии хонандагони синфҳои 9 ва 11-и шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷамъбаст гардид.

Дар ин олипиада 372 хонандаи макотиби ҳудуди вилоят барои дарёфти «Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» аз рӯйи шаш фан (математика, физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ ва география) бо ҳам сабқат карданд. Дар натиҷа 12 нафар соҳиби Ҷом, дипломи дараҷаи 1 ва ҳар кадоме ба андозаи 4000 сомонӣ, 14 нафар соҳиби ҷойи дуюм, дипломи дараҷаи 2 ва ҳар кадоме ба андозаи 2000 сомонӣ ва 17 нафар соҳиби ҷойи 3-юм, дипломи дараҷаи 3 ва ҳар кадоме ба андозаи 1000 сомонӣ қадрдонӣ шуда, 22 иштирокчии фаъол соҳиби Ифтихорномаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон гардиданд.

Мукофотҳоро ба ғолибон муовини раиси вилояти Хатлон Фирӯза Шарифӣ ва ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода супориданд.

Шералӣ Мирзо:

ФАРЗАНДОНИ МАНСАБДОРОН БА ХИЗМАТ БЕШТАР ҶАЛБ ШАВАНД!

Шералӣ Мирзо, вазири мудофиаи Тоҷикистон дастур дод, ки фарзандони мансабдорон ба хизмати ҳарбӣ бештар ҷалб карда шаванд.

Ин ва дигар масоили марбут ба даъвати навбатии наваскарон дар як ҷаласаи охир, ки тамоми намояндагони комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳузур доштаанд, садо додааст. Ҳамчунин, вазир ба мақомоти марбута дар робита ба ташхису муоинаи тиббӣ ва пешгирӣ аз ҷинояту роҳҳои ғайриқонунии даъват ба артиш дастур додааст.

“Вобаста ба муроҷиати мардум дар доираи талаботи қонунҳои амалкунанда сари вақт қарори дахлдор қабул намоед”,- гуфтааст Шералӣ Мирзо.

Ӯ ба масъулин таъкид намудааст, ки ба пӯшидани либоси низомӣ ва муомилаву муносибати хуб бо шаҳрвандон диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, кӯшиш намоянд, то ҷавонони солиму бардам ва болаёқатро интихоб ва ба сафи Артиши миллӣ равона созанд.

(Давомаш дар саҳ.3)

САРИ САБЗ



Мирзоҳусайн БАДАЛИПУР, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

- Ҳадафи офариниши инсон ҳикмати хос дорад. Ҳар яки моро Офаридгор халқ кард, то ки корҳоеро анҷом бидиҳем. Яъне нафаре муаллим бошад, дигаре муҳандис, саввумӣ табибу чаҳорумӣ усто.


- Боз нафарони дузду ғару ғоратгар, қаллобу ҷаллоб ҳам кам нестанд. Оё ин тоифа ҳам дар доираи ҳадафи офариниши инсон ягон ҳикмати хос доранд?



Дилором ТОАТОВА, омӯзгори тоҷики муқими Русия

- Бо чанд нафар падару модарони тоҷики муқими шаҳри Калуга маслиҳат намудаву ният дорем, ки барои мустаҳкам намудани хештаншиносии фарзандонамон маҳфили омӯзишии “Забон ва адабиёти тоҷик”-ро роҳандозӣ кунем.

- Як бало карда, маҳфили омӯзишии “Забони русӣ”-ро ҳам роҳандозӣ намоед, барои Вазорати маориф ва илми мо дастгирии хубе мешавад.



ШОН MC, рэпсарои маъруфи тоҷик

- Журналистонеро мебинам, ки дар гузашта рэпсароҳоро бад мегуфтанд, аммо имрӯз худашон дар “Ютуб” саҳифа кушодаву аз онҳо ёрӣ мехоҳанд. Яъне, барои манфиати шахсӣ аз мавқеашон даст кашиданд.

- Аз тарзи сухан гуфтанатон маълум, ки онҳоро аз наздик мешиносед. Лутф карда, ду-се нафарашро номбар намекунед, то мо ҳам донему дар шинохташон дарнамонем?

ҲАНГОМА ВА ВОҚЕИЯТ:

РОНДАНИ ГУРЕЗАҲОИ АФҒОН АЗ ТОҶИКИСТОН

Абдулмусавир Баҳодурӣ, раиси созмони паноҳандагони афғон дар Тоҷикистон аз рафтор ва шеваи зиндагии бархе аз муҳоҷирони афғон изҳори нигаронӣ кард. Ӯ мегӯяд, ки гуруҳе аз муҳоҷирони афғон қавонини будубошро дар қаламрави Тоҷикистон вайрон мекунанд. Мақомоти тоҷик маҳз нисбати онҳо чораҳои қонунӣ дидаанд. Оё онҳо депорт ё иҷборан аз Тоҷикистон берун карда шудаанд?



Ривоҷи таблетка дар Ваҳдат

Баҳодурӣ аз ҳар иқдоме, ки мақомоти Тоҷикистон нисбат ба гурезаҳои афғон анҷом медиҳанд, ҷонибдор аст. “Одамони ангуштшуморе буданд, ки ман минҳайси масъули муҳоҷирин аз онҳо розӣ нестам. Ҳар иқдоми сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистонро ҷонибдорам. Инро ба чанд далел мегӯям. Ҳар кишваре меравем, фикр мекунем, ки аз худамон аст. Тақрибан 30 сол мешавад, ки дар Тоҷикистон кору зиндагӣ дорам. Бовар кунед, аксари муҳоҷирони афғон, ки солҳо инҷо ҳастанд, аз қонуну қоидаҳои будубош дар Тоҷикистон огоҳӣ доранд. Аммо афғонҳое, ки нав омадаанд, хусусан бачаҳои ҷавон, ё огоҳӣ надоранд, ё аслан аз худ рафтаанд. Ҳатто, бархе аз Канада сарпарастиву маблағгузорӣ мешаванд. Аслан, дар Тоҷикистон таблетка чист, намефаҳманд. Содда карда гӯем, онро “бомба” мефаҳманд. Аммо муҳоҷирони афғон, махсусан дар шаҳри Ваҳдат таблеткаро ривоҷ доданд. Вақте ки таблеткаро мехӯред, пиёну мадҳуш мекунад. Афғонро меқапанд, дар як кисааш таблетка ва дар кисаи дигараш ҳуҷҷати гуреза дорад. Ҳатто афғонро меқапанд, ки дар кисааш банг дорад ё вақти муқаррарӣ дар хонааш нест. Чандин бор хоҳиш кардем, онҳое, ки дар ҷойи истиқомат ба қайд гирифта шудаанд, ҳамончо зиндагӣ кунанд. Вақте ки субҳ мебароянд, бояд 8-и бегоҳ дар хонаашон бошанд. Новобаста аз он, ки дар кучо зиндагӣ мекунанд, ин ҳатмӣ аст. Вале бархе гурезаи афғонро мебинед, ки дар Ваҳдат ҷойи истиқомат дорад, аммо соати 12-и шаб дар маркази шаҳри Душанбе сурати селфӣ карда гаштааст. Магар ин барои муҳоҷир зеб дорад? Ватанаш имрӯз дар чӣ ҳол аст, инҷо бошад, сурати селфӣ мегирад!”,- изҳори нигаронӣ кард Баҳодурӣ дар суҳбат бо Pressa.tj.



Абдулмусавир Баҳодурӣ

Афғонҳо аз Тоҷикистон депорт шуданд?

Қаблан дар расонаҳо хабаре нашр шуд, ки Тоҷикистон гурезаҳои афғонро аз хокаш берун мекунад. Воқеият чӣ тавр аст? Баҳодурӣ дар посух ба ин савол гуфт, ҳамагӣ 2 нафар афғонро медонад, ки аз қаламрави Тоҷикистон ба Канада рафтаанд.

“Ба Худо қасам, мисли Тоҷикистон ягон кишвари дигар ба муҳоҷир чунин ғамхорӣ намекунад. Дар як даҳлез, ошёнаи дуюм, прокурори тоҷик зиндагӣ мекунад, дар ошёнаи дигар ё хонаи паҳлуяш афғон. Ё дар як даҳлез вакили парлумон зиндагӣ мекунад, дар қабати ӯ афғон. Дур намеравем, ҳоло ҷое, ки мо нишастаем, хонаи паҳлуи дигарамон мансабдори тоҷик зиндагӣ мекунад. Дар Амрикову Аврупо чунин нест! Агар донанд, ки дар назди хонаи мансабдор гурезаи кишваре зиндагӣ мекунад, намемонанд. Таъмини амният дар ҷои аввал меистад”,- изҳор дошт Баҳодурӣ.

Аз даъво то шароити гурезаҳо

Ба андешаи Баҳодурӣ, “баъзе гурезаҳои мо даъво мекунанд, ки Покистон 5 миллион гурезаи афғонро ҷой додааст, чизе намегӯянд ку. Аммо фаромӯш кардаанд, ки онҳо дар чӯлу биёбон макон гирифтаанд. Баъзан дар ҷойҳое, ки гурезаҳои Афғонистон дар Покистон зиндагӣ мекунанд, ҳайвонро бандед, намеистад. Аммо Тоҷикистон гуфтааст, ки дар кучо зиндагӣ кунанд? Не! Бовар кунед, ҳоло дар Ваҳдат афғонҳо зиндагӣ доранд, мисли Душанбе поку тамоми шароит бароямон муҳайёст”.

Ҳоло гурезаҳои афғон дар Тоҷикистон аз бисёр имкониятҳо барҳӯрдоранд. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таълимӣ баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ҳақи таҳсил ва пардохти маблағро доранд. Аммо ба шарте, ки ҳуҷҷати гурезагиро бо худ дошта бошанд. Ҳатто, дар як мактабе дар ноҳияи Ҷаббор Расулов, ки гурезаҳои афғон таълим мегиранд, бо хӯроки ройгон таъмин шудаанд.

Ҷарима кардем, на депорт!

Соли равон 29 шаҳрванди Афғонистон бинобар вайрон кардани қоидаҳои будубош дар Тоҷикистон ҷарима шудаанд. Дар ин бора аз маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ба Pressa.tj иттилоъ доданд.

“Ин шаҳрвандон асосан қоидаҳои будубошро вайрон кардаанд. Масалан, дар чанд сурога ба қайд мегиранд, аммо дар як сурога зиндагӣ мекунанд. Нисбаташон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, ҷаримабандӣ шуданд”,- гуфтанд аз вазорат.

Ба таъкиди манбаъ, дар сол равон ягон ҳолати иҷборан аз Тоҷикистон баровардани шаҳрвандони Афғонистон ба қайд гирифта нашудааст. Аммо дар расонаҳо хабаре паҳн шуд, ки Тоҷикистон муҳоҷирони афғонро аз хоки кишвари худ депорт ё иҷборан берун карда истодааст. Ахиран Фарҳоди Дарё, овозхони шуҳратёри Афғонистон бо як номаи саркушода ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мурочиат кардааст, ки монеи идомаи ихрочи паноҳҷӯёни афғон аз кишвараш шавад.

“Хабари ин ки Шумо муҳоҷирини афғонро аз хоки меҳмонпарвари Тоҷикистон ихроҷ мекунед, барои ман ва мардуми Афғонистон такондиҳанда ва ғайри қобили бовар буд... Чашми умеди ҳазорон инсони навмед ба сӯи Шумост, то дар ин маврид таҷдиди назар намуда ва барои муддате дигар ҳам мизбони ин паноҳҷӯёни беошёна бошед”,- навиштааст Фарҳоди Дарё дар номааш ба Президенти Тоҷикистон.

Бино ба маълумоти Баҳодурӣ, айни замон 9 000 гурезаи афғон дар Тоҷикистон паноҳандагӣ гирифтаанд. Онҳо асосан дар шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Ҷаббор Расулов зиндагӣ карда истодаанд.



Усмон РАҲИМЗОДА

ФАРЗАНДОНИ МАНСАБДОРОН БА ХИЗМАТ БЕШТАР ҶАЛБ ШАВАНД!

(Аввалаш дар саҳ.2)

Ёдовар мешавем, ки аз 1-уми октябр даъвати тирамоҳии шаҳрвандон ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ оғоз меёбад. Ин маъракаи даъват давоми ду моҳ идома меёбад ва ҷавонони аз 18 то 27-сола барои хизмат дар сафи артиш ҷалб мешаванд.

Даъвати баҳории шаҳрвандон ба қисҳои низомӣ бошад, аз якуми апрел оғоз ёфта, он то охири моҳи май идома меёбад.

Аммо, ҳар даъват мушкилоте низ дар пай дорад. Баъзан дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба наворҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки аз иҷборан бурдан ё “облава” шудани ҷавонон қисса мекунанд. Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ онро “сарбозшикор” низ меноманд. Мақомот бошанд, ба набудани "облава" таъкид карда, мегӯянд, ки ҷавонон баъди гирифтани даъватнома агар ба комиссариати ҳарбӣ ҳозир нашаванд, мақомоти милитсия ҳақ доранд онҳоро зӯран ҳозир кунанд.

Масъалаи даъвати ҷавонон ба артиш ҳамеша доғ ва баҳсбарангез боқӣ мондааст. Баъди қабули қонуни нави хизмати ҳарбӣ дар моҳи январи соли 2021, ки минбаъд даъват ба артиш дар асоси он сурат мегирад, баъзе дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд. Дар асоси тарҳи нави Қонун «Дар бораи хизмати ҳарбӣ ва уҳдадориҳои ҳарбӣ» акнун солона то 10 дарсади ҷавонони синни хизмат ба артиш ҷалб мешаванд. Аслан, қонуни нави ҳарбӣ моҳи январи соли равон дар Тоҷикистон қабул шуда, минбаъд даъвати наваскарон ба артиш дар асоси он сурат мегирад. Хоҳишмандоне, ки намехоҳанд хизмат кунанд, имкон доранд бо пардохти маблағ ва тамрини якмоҳа соҳиби билети ҳарбӣ шаванд.

Полковники мустаъфӣ Хайрулло Ҳайдаров ба ин назар аст, ки тағйироти Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ” бар манфиати ҷавонон аст. “Ман қонунҳои уҳдадории ҳарбии Россия, Белорус, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Қирғизистонро хондам ва дар дастам дорам. Бо қонуни ҷумҳуриямон муқоиса кардам. Бовар кунед, имтиёзҳое, ки ба даъватшавандагон дар қисми 1, моддаи 21, моддаи 30 ва 31-и қонуни мо омадааст, дар ягон ҷумҳурии пасошӯравӣ нест. Фақат бояд ин қонун риоя шавад. Аммо афсӯс, ки қонуншиканӣ дар авҷ аст”,- мегӯяд ӯ.

ТАРҲИ ҲАМЛА БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мулоқоти пинҳонии роҳбарони гуруҳҳои террористӣ бо Сироҷуддин Ҳаққонӣ



Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон мегӯяд, ки Толибон 16 узви раҳбари гуруҳҳои терористиву экстремистиро дар вилоятҳои шимолу шарқи ин кишвар мустақар кардаанд.

Ҷабҳаи муқовимат рӯзи якшанбе, 25-уми сентябр бо нашри як хабарнома гуфт: “Ҳоҷӣ Фирқон, раҳбари ҷунбиши исломии "Туркистони шарқӣ*", Мавлавӣ Иброҳим, масъули "Ҷамоати Ансоруллоҳи Тоҷикистон*", Шайх Зокир, масъули "Таҳрики исломии Ӯзбекистон*” ва Абдулҳақ Уйғурӣ, масъули шохаи "Ал-қоида*" дар шимоли Афғонистон 20-уми августи соли 2022 ба Кобул омаданд ва дар кӯчаи ба номи вазир Акбар Хон, дар ҳавилии Ҳоҷӣ Афзал, ки узви шабакаи "Ҳаққонӣ*" аст, се рӯзро сипарӣ карданд”.

Ба гуфти Ҷабҳаи муқовимат, ин раҳбарони гуруҳҳои мусаллаҳи хориҷӣ бо Сироҷуддин Ҳаққонӣ, сарпарасти Вазорати корҳои дохилии Афғонистон дидор ва тавофуқ кардаанд, ки то шаш моҳи оянда 50 дарсад аз тамоми ҷангҷӯёни хориҷӣ ба Осиёи Миёна оварда шаванд.

Ҷабҳа гуфтааст, бар бунёди тасмимҳо ва хулосаҳое, ки дар хонаи Ҳаққонӣ анҷом шуд, қарор аст шумори зиёди ҷангҷӯён аз кишварҳои арабӣ ва кишварҳои минтақа вориди хоки Афғонистон шаванд.

Гуфта мешавад, Мавлавӣ Иброҳими тоҷик аз сӯи шабакаи "Ҳаққонӣ" масъули умумии шабакае аз ҷангҷӯёни хориҷӣ таъйин шудааст, ки бо "ДОИШ*" иртиботи зиёд дорад.

"Аз сӯе ҳам Мавлавӣ Иброҳим, раҳбари ҷамоати "Ансоруллоҳи Тоҷикистон" ва масъули шохаи "ДОИШ" дар шимоли Афғонистон дар охири моҳи август дар шаҳристони Имом Соҳиб дида шудааст",- афзудааст Ҷабҳаи муқовимат.

Ёдовар мешавем, ки ахиран Тоҷикистон аз ҳузур ва таҷаммуъи густурдаи террористон дар Афғонистон дар Маҷмаи Умумии СММ ибрози нигаронӣ кард. Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид гуфт, ки Афғонистон босуръат дар ҳоли табдилёбӣ ба як паноҳгоҳи амн барои гуруҳҳои террористӣ ва ҷастгоҳ барои густариши ифротиёни тундгарои Толибон қарор дорад.

"Мо корҳои муназзамро оид ба интиқоли гуруҳҳои мусаллаҳи муташаккили размандагон аз ҳисоби зодагони Осиёи Марказӣ ба шимоли Афғонистон мушоҳида дорем, ки иттиҳод ва бунёди мабдаи нави таниш дар наздикии сарҳадҳои моро ҳадаф қарор додааст",- нигаронӣ кард вазири Тоҷикистон.

**Дар Тоҷикистон гуруҳи террористӣ эътироф шудааст.*

ЗАН, ЗИНДАГӢ, ОЗОДӢ!

Занони эронӣ инқилоб хоҳанд кард?

Дар натиҷаи эътирозҳо ба хотири марги Маҳсо Аминӣ, ки 10 рӯзи охир дар саросари Эрон идома дорад, созмони ҳуқуқи башари ин кишвар мегӯяд, илова бар кушташудагон, садҳо нафари дигар захмӣ ва ё дастгир шудаанд. Ба қавли масъулони созмон, дар бисёр маврид ҷасади қурбониёнро ба оилаҳояшон ба шарти пинҳонӣ гӯрондани онҳо медиҳанд.

Инқилоби занон

Чанд моҳ пас аз он, ки Зар Амирибroҳимӣ, барандаи ҷоизаи беҳтарин актриса дар ҷашнвораи имсолаи Кан пешбинӣ кард, ки инқилоби баъдии Эронро занон рақам хоҳанд зад, эътирозҳое дар Эрон шакл гирифт ва мавзӯи зану озодихоҳиш меҳвари аслӣ аст.

Ин арзёбии хонум Амирибroҳимӣ, ки худ қурбонии занситезӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон шудааст, дар канори арзёбиҳои дигари монанд аз фаъолони маданӣ ва ҷомеашиносон бидуни пуштвона набуд.

Ва инак, занони Эрон ба кӯчаҳо баромаданд ва села-села ҳиҷобҳояшонро оташ зада, мӯйҳояшонро қайчӣ мезананд. Сабабгори ин Маҳсо Аминӣ аст.

Маҳсо Аминии 22-сола рӯзи 12-уми сентябри имсол ба иттиҳоми риоя накардани ҳиҷоби комил аз тарафи пулиси “гашти иршод”-и Эрон дастгир шуд. Аминиро баъди се рӯз дар ҳолати кома ё беҳушӣ ба шифохона бурданд ва ӯ дар онҷо даргузашт. Маргаш боиси тазоҳуроти густурда дар саросари Эрон шуд.

Фаъолон мегӯянд, ки Аминӣ дар идораи полис аз сараш зарба хӯрдааст, вале полис инро рад мекунад. Аҳмад Ваҳидӣ, вазири корҳои дохилии Эрон рӯзи 23-юми сентябр гуфт, ки “таҳқиқи тиббию судӣ нишон дод, ки латукӯб ҷой надошт”. Қаблан полис гуфт, ки ин духтар аз сактаи қалбӣ даргузашт, вале наздиконаш бо ишора ба захмҳои сангини бадани духтар ба шиканҷа шудани ӯ пойфишорӣ мекунанд.

Дар тазоҳуроте, ки тайи 10 рӯзи ахир идома дорад, ҳазорон нафар захмиву боздошт ва кушта шуданд, вале зоҳиран ҳеҷ қуввае занони Эронро боз дошта наметавонад.

Чаро “зан, зиндагӣ, озодӣ”?

Эътирозгарон, чӣ зан ва чӣ мард, дар миёни анбуҳи шиорҳои сардодашуда ба таври худҷӯш шиори “Зан, зиндагӣ, озодӣ”-ро ба унвони шиори аслии худ интихоб карданд.



“Калимаи зан дар ин шиор меҳварӣ аст. Зиндагӣ бидуни зан вуҷуд надорад ва озодӣ ҳам бидуни озодии занон”,- мегӯяд яке аз фаъолони тазоҳурот.

“Аммо барҷастагии нақши занон дар ин эътирозҳо фақат дар шиору аҳдофашон ё танҳо ва паёмҳояшон нест, занону духтарон бо ҳузури пурранг ва шуҷоатмандонаи худ саҳнаҳои бесобиқаро дар эътирозҳои Эрон ба намоиш гузоштанд: Аз қарор гирифтан дар сафи аввали эътирозҳо ва бардоштан ё сӯзонидани рӯсариҳо то раксидан дар миёнаи майдон ва рӯ ба рӯ шудан бо неруҳои саркӯбгар ва ҳатто фарёд задан бар сари онҳо”,- мегӯяд доктор Фарида Аҳмадӣ, коршиноси масоили ҳуқуқи зан дар Эрон.

Ӯ афзуд, ки “ҳоло Маҳсо Аминӣ рамзи як таҳаввули амиқ ва маънодор дар кулли Ховари Миёна аст. Таҳаввуле, ки бо рафтани Ҷумҳурии Исломӣ калид хоҳад хӯрд, таҳаввуле, ки ҳанӯз ҳатто наметавонем тасаввур кунем чӣ қадр ҳаётӣ ва ба нафъи мардуми Ховари Миёна аст».



ТОШИЕВ, ИСТЕЪФО!!!

Як созмони мухолиф дар Қирғизистон истеъфои раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии он кишвар Қамчибек Тошиевро талаб кардааст.

Масъулони "Ҷунбиши муттаҳидаи демократӣ" рӯзи 27-уми сентябр гуфтанд, ки аз қарори бардоштани чаҳор посгоҳ дар минтақаҳои сарҳадии Қирғизистон бо Тоҷикистон норозиянд.

Раисони кумитаҳои давлатии амнияти миллии Тоҷикистону Қирғизистон рӯзи 25-уми сентябр дар пайванд ба сарҳад санади нав имзо карданд. Ҷониби Тоҷикистон онро "қатъи муноқиша дар марз" номид.

"Дар 30 соли истиқлол кишвари мо ҳеч гоҳ ба чунин вазъи душвор дучор наомада буд, ки ҳоло рӯ ба рӯ шудааст. Қарорҳои қабулшуда ва санадҳои имзокардаи Тошиев бо мавқеи президент дар Созмони Милал мухолифанд",- омадааст дар эъломияи Ҷунбиш.

Масъулони созмон дар баробари истеъфои Қамчибек Тошиев ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯро низ хостаанд.

ДОНЕТСКУ ЛУГАНСК БА РУСИЯ ПАЙВАСТАНД

Раъйдиҳӣ дар ҷумҳуриҳои халқии Донетск ва Луганск, ки аз 23 то 27-уми сентябр идома дошт, ҷамъбаст гардида, ҳамаи 100%-и варақаҳо ҳисоб карда шуданд.

“Сокинони Донетску Луганск ва вилоятҳои Запорожею Херсон барои пайвастан ба Русия овоз доданд”,- хабар медиҳад РИА “Новости”.

- Дар Донетск ин иқдомро 99,23%, дар Луганск 98,42%, дар вилояти Запороже 93,11% ва дар вилояти Херсон 87,05% тарафдорӣ карданд,- хабар дод манбаъ.

Таъкид шудааст, ки ин маълумот баъди коркарди 100 дарсади варақаҳои овоздиҳӣ ироа гардид. Зикр гардидааст, ки дар рафти раъйпурсӣ ягон қонуншикании дағал ва ё эроде ба қайд гирифта нашудааст. Аз натиҷаи ин ҳамапурсӣ интизор меравад, ки 28-уми сентябр роҳбарони ҷумҳурию вилоятҳои зикршуда барои пайвастан ба Русия ба раисҷумҳур Владимир Путин муроҷиат намоянд.

РУСҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

бо онҳо чӣ гуна бояд муносибат кард?

Пас аз фармони "мобилизатсия" ё басеҷи неруҳои мусаллаҳ дар Русия, шумораи шаҳрвандони ин кишвар дар Тоҷикистон якбора афзудааст. Теъдоде аз сокинони кишвар ин воқеиятро ба хубӣ пазируфтаву омодаи кумак ба русҳо ҳастанд, теъдоди дигар фирориҳоро маҳкум карда, онҳоро ба шеваи дағал интиқод мекунанд. Сеюмӣ аз рӯйи масали "буз дар ғами ҷону қассоб дар ғами чарбу" амал карда, пул кор кардан мехоҳад...



Дар меҳмонхонаҳо ҷой нест



Аз фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Хуҷанд ба "Тоҷикистон" тасдиқ карданд, ки шумораи шаҳрвандони Русия, ки ба Тоҷикистон меоянд, дар чанд рӯзи охир майли афзоиш дорад.

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ менависанд, ки дар меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе, ки аксари онҳо моҳҳо холӣ меистоданд, акнун барои ҳафтаҳои наздик ҷой нест.

Мо ҳам бо чанде аз меҳмонхонаҳо, аз ҷумла бо "Ҳайат Реҷенсӣ", "Атлас", "Хилтон" ва "Серена" телефонӣ дар тамос шудем. Онҳо низ бештар шудани теъдоди шаҳрвандони Русияро тасдиқ карданд.

Рӯзноманигор Хуршед Фозилов аз афзудани теъдоди шаҳрвандони Русия дар Хуҷанд хабар медиҳад. Ӯ дар саҳифаи "Фейсбук" чунин навиштааст: "Хуҷанд. 27.09.22. Ман меҳмони ин шаҳр. Аз соати 19 то соати 22 "сайр"-и кӯчаҳои Хуҷанд. Меҳмонхонаҳои "Тавҳид", "Хуҷанд стар", "Хенсон" ва билохира меҳмонхонаҳои арзони "Эҳсон" ва назди бозори Панҷшанбе ҳам пури меҳмон. Барои хоб ҷой намеёбам. Ба 5 эълони "сдаю квартира" занг мезанам. Ҳама ҷо банд! 3 рақами дигар ҷавоб намедиҳад. Як нафар гуфт, ки квартира ҳаст, як шабаш 300 (!) сомонӣ".

Дар пайи фармони басеҷи неруҳои мусаллаҳ ва фирори шаҳрвандони синни даъвати Русия аз кишвар нархи чиптаи ҳавопаймо то 10 баробар гарон шудааст. "Ман билетро се рӯз пеш аз фармони Путин харидам. 8,5 ҳазор рубл буд. Имшаб ба фурудгоҳ омадам. Нархи чипта 144 ҳазор рубли русӣ буд",- гуфт мусофире, ки аз Русия ба Тоҷикистон баргаштааст.

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ менависанд, ки нархи билети ҳавопаймо аз Русия ба Тоҷикистон то ба 2,5 ҳазор доллар ҳам расидааст.

Одамгариро аз даст додан лозим нест!

Тоҷикон, ки бо меҳмоннавозиашон шуҳрат доранд, аксаран русҳоро бо меҳрубонӣ пазироӣ мекунанд. Барои мисол, журналисти шинохта Наргис Қосимова дар чанд рӯзи охир 4 нафарро ба хонааш роҳ додааст. Меҳмонон аз Русияро ӯ дар "Ашан"-и шаҳри Душанбе пешвоз гирифтааст. Онҳо бо ҷомадонҳояшон дар навбати гирифтани симкорт меистодаанд. Наргис ба онҳо кумак карда, чор нафарашонро дар хонаи худ ҷой дода, худаш ба хонаи хоҳараш рафтааст. Субҳи рӯзи дигар ба онҳо барои ёфтани хонаи иҷора кумак кардааст.

"Бояд бигӯям, ки онҳо намефаҳмиданд, ки чаро ман пули додагиашонро намегирам. Мехостанд 100 доллярро ба дастам қапонанд. Шумо мегирифтед? Ман ба қонуни бозгашт (бумеранг) бовар дорам. Бо кумак ба онҳо бовар дорам, ки ягон рӯзе боз каси дигаре ба фарзандони ман кумак мекунад",- навиштааст бонуи рӯзноманигори тоҷик.

Наргис навиштааст, ки ӯ фирориёнро маҳкум намекунад. "Онҳо намурданро интихоб карданд. Накуштанро ҳам. Минбаъд моро чӣ интизор аст, вақт нишон медиҳад. Одамгариро аз даст додан лозим нест",- менависад Наргис.

Монанди Наргис сокини Хуҷанд Фарангис Шарипова низ то ин дам аллакай оилаи дуюми шаҳрвандони Русияро дар хонаи худ қабул мекунад.

Дезертир ё мухолифи ҷанг

Мисли Наргис ва Фарангис даҳҳо нафар тоҷикистонӣ омодаанд, ки ба русҳо кумак расонанд. Вале нафароне ҳам ҳастанд, ки русҳоро маҳкум мекунанд. Барои мисол, чанд рӯз қабл журналисти тоҷик Шаҳноз Комилзода дар саҳифаи "Фейсбук" навишт, ки омодаи қабул кардани як оилаи рус дар хонааш аст. Ин пост боиси баҳсҳои зиёде шуд. Аксари корбарон менавиштанд, ки чаро тоҷикон ба афғонҳои гуреза чунин муносибати некро раво намебинанду ба русҳо тараҳҳум мекунанд!?

Тарафдорони сиёсати Путин дар Тоҷикистон бошанд, гурезаҳоро ба ноҷавонмардӣ, фирор аз артиш ва ғайра маҳкум мекунанд.

Бархе аз корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ шеваи муносибати миллатгароёни русро нисбат ба тоҷикон ва сокинони Осиёи Марказӣ имрӯз бо ҳазл ба зидди худашон истифода мебаранд. Барои мисол: "Хона иҷора дода мешавад. Фақат ба қавори славянӣ не!", "Безор шудем, таксиронҳои руси Душанбе забони тоҷикиро намедонанд" ва монанди ин.

Шаҳрвандони Русия мегӯянд, ки дар пайи басеҷ ба артиш кишвари худро тарк кардаанд. "Бисёриҳо фикр мекунанд, ки мо бо далели тарсуӣ ва ноҷавонмардиамон фирор кардем. Не! Мо Русияро дӯст медорем! Агар ба Русия хатар таҳдид кунад, ҷон медиҳем! Мо аз он гурехтем, ки мухолифи қатлу куштор дар Украина ҳастем!",-навиштааст Максим Федоров, ки аз Русия ба Тоҷикистон паноҳ бурдааст ва аз зебоиҳои кишвари мо дар интернет ҳарф мезанад.

Намуна ба русҳо

Тоҷикон бояд дар ин шабу рӯз ба русҳо намунаи неки меҳмоннавозӣ ва одамгариро нишон бидиҳанд ва бо меҳмонони муваққатии Тоҷикистон бархӯрди нек дошта бошанд. Зеро бо гузашти рӯзҳои душвор муносибати русҳо ба тоҷикон низ нек хоҳад шуд.

Дигар ин ки, аз ҳузури русҳо метавон барои тарғиби Тоҷикистон истифода кард. Зеро рӯзҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ аксу навори шаҳрвандони Русия аз Тоҷикистон зиёд шудааст. Бештари наворҳо позитивӣ ҳастанд ва дар онҳо аз муносибати самимии тоҷикон, меҳмоннавозӣ, хӯроки арзон ва Душанбеи зебо қисса мекунанд. Ин навору аксҳо метавонанд барои ҷалби сайёҳон ва тарғиби Тоҷикистон мусоидат намоянд.

О. СОҲИБЗОДА

НАМОЯНДАГОНИ СОЗМОНҲОИ ҶАВОНОНИ РУС ДАР ДУШАНБЕ

Рӯзи 28-уми сентябр дар шаҳри Душанбе конфронси 2-юми минтақавии ҷавонони ҳамватанони рус аз хориҷи наздик ба кор шуруъ кард.



Ин чорабинӣ бо мусоидати сафорати Русия дар Тоҷикистон дар заминаи намояндагии "Россотрудничество" дар Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон баргузор шуда, рӯзи 29-уми сентябр ба анҷом мерасад.

Беш аз 30 намояндаи созмонҳои ҷавонони диаспораи рус аз 8 кишвари ҷаҳон, намояндагони "Россотрудничество", "Росмолодеж", инчунин, кормандони муассисаҳои хориҷии Русия, Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони ташкилоти ҷамъиятӣ, ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни макотиби олии шаҳри Душанбе иштирок мекунанд.

Дар ҷараёни конфронс иштирокчиён масъалаҳои мубрами муттаҳидсозии созмонҳои ҷавонон, инчунин, самтҳои фаъолияти минбаъдаи муштарак, аз ҷумла масъалаи ҳифзи ҳақиқати таърихӣ дар кишварҳои ИДМ дар бораи Ҷанги Бузурги Ватаниро баррасӣ хоҳанд кард.





ОПЕРАТОРОНИ БЕСАЛОҲИЯТ

Онҳо муштариёнро сарсону саргадон мекунанд

Рӯзи 17-уми сентябри соли равон дар дар терминали рақами 331807, ки саҳни Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон воқеъ аст, иштибоҳан ба телефони рақами 988 93 00 01 сӣ сомонӣ пул гузаронидам. Пас аз пардохти маблағ фаҳмидам, ки рақами телефон хато шудааст ва ман бояд маблағи зикршударо ба рақами 93 419-18-01 пардохт менамудам.

Барои ислоҳи ин хатоӣ ва интиқоли маблағ ба талефони зарурӣ тавассути Интернет ба Маркази хизматрасонии ширкати «Tcell» тамос гирифта, хоҳиш кардам, ки кумак расонанд, чунки солҳои пеш ҳамин хел тартибот ҷорӣ шуда буд.

- Шумо ба шахси мутасаддии терминали рақами 331807 муроҷиат кунед, он кас мушкилатонро осон мекунад,- маслиҳат дод корманди маркази зикршуда, ки Комрон ном дошт.

Тибқи машварати оператор рӯзи 19-уми сентябр ба телефони 98-888-61-61, ки дар пештоқи терминал сабт шуда буд, занг задем ва гӯширо хонуме бардошт. Вай аз асли воқеа огоҳ шуда, чунин посух дод:

- Шумо рақамҳои зиёдро хато кардаед. Агар хатоӣ аз се рақам зиёд бошад, дар ин ҳолат мо хизмат расонида наметавонем. Беҳтараш ба оператори ширкати «Вавилон» занг занед.

Аз ҷавобҳои соддалавҳонаи оператори мазкур ҳайрон шуда, аз вай рақами телефони роҳбарашро пурсидем, то ки бо кумаки он кас мушкилотамонро ҳал намоем.

- Ҳеҷ мумкин нест, ман телефони роҳбарро ба ҳеҷ вақҳ гуфта наметавонам,- бо исрор таъкид намуд оператор.

Маълум буд, ки ин хонум ба муштариён гуфтани телефони роҳбарашро «сирри тиҷоратӣ» гумон карда, ифшои онро амали номуносиб медонад.

Аз кумакрасонии терминал умедамонро канда, худи ҳамон рӯз (19-уми сентябр) соати 15:20 ба оператори «Вавилон» занг задем, чунки маблағ ба ҳамон ширкат пардохт шуда буд. Оператор маслиҳат дод, ки такроран ба масъулини терминал муроҷиат намоем.

Ёдовар мешавем, ки ширкатҳои мобилӣ доираи васеи одамонро фаро гирифтаанд. Мувофиқи маълумоти мақомоти омор, дар соли 2020 ширкати «Tcell» ба 2 632 593 нафар, ширкати «Вавилон-мобайл» бошад, ба 1 168 923 нафар шаҳвандони Тоҷикистон хизмат расонидаанд. Аз ин нигоҳ, хизматрасонӣ ба муштариён бояд дар мадди назари кормандони онҳо бошад.

Имрӯзҳо бисёр терминалҳое, ки ба мисли замбурӯғи баъди борон пайдо шуда, дар ҳар кӯчаву паскӯча насб гардидаанд, маблағи зиёд қабул менамоянду мизоҷонро фиреб медиҳанд. Масалан, ҳамон терминали №331807 бо вуҷуди ёддошти «0 фоиз» доштанаш, аз муштариён фоизи иловагӣ мегирад ва шумораи чунин терминалҳо кам нестанд.

Ҳамин тавр, ҳамаи тарадудуду талошҳоямон бенатиҷа монданду корамон барор нагирифт. Бо вуҷуди ин ҳама сарсониву телефонбозиҳо ва тамосҳои интернетӣ маблағи пардохтаамонро мақсаднок истифода бурда натавонистем.

Операторони бесалоҳият, бюрократияи байниширкатӣ ва бепарвоии шахсони масъул моро хеле сарсону саргардон намуд.

Акнун умедамон ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аст, ки мушкилоти мо барин шаҳрвандонро аз минбари баланди матбуот ба роҳбарони муассисаҳои мазкур ёдрас карда, аз онҳо бехтар намудани сатҳи хизматрасониро талаб менамояд.

Ғафури ИСКОДАРӢ,
сокини шаҳри Душанбе

БА “ТОҶИКИСТОН” БОВАР ДОРАМ

Ман хонандаи доимии рӯзномаи дӯстдоштаи худ “Тоҷикистон” ҳастам ва ҳар шумораи онро интизорӣ мекашам. Навиштаҳои Усмон Раҳимзода, Одил Нозир, Фазлиддин Асозодаро пайваста мутолиа мекунам ва барои баррасӣ кардани мавзуҳои доғ ба шумо сипос мегӯям. Рӯзноманигор бояд ҳамин гуна бошад.

Вале, бо вуҷуди ин, чанд камбудиву норасоии кори журналистонро бояд бигӯям. Чаро онро тариқи “Тоҷикистон” мегӯям? Чунки ба “Тоҷикистон” бовар дорам.

Журналист чашму гӯши ҷомеа бояд бошад ва норасоиву камбудиҳоро бояд бигӯяд, вале журналистони мо проблемаро дида, чашм мепӯшанд. Дар гирду атроф ҳазор мушкилӣ ҳаст, вале ВАО-и тоҷик “Зинда бод!” мегӯяд. Солиёни дароз халқи бечора дар пеши бонкҳо барои гирифтани пули худашон саргардон, вале журналистони мо бетараф! Ин гуна ҳазорон ҳазор мушкилӣ ҳаст. Охир, бе танқиду бе сухани рост ҷамъият пеш намеравад! Наход ҳаминро надонед?!

Депутатҳои мо ба чӣ кор машғул? Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ чаро номаълум аст? Дар парлумон чӣ проблемаҳо бардошта мешаванд? Ба ин саволҳо кӣ бояд ҷавоб диҳад? Канӣ таҳлили журналистӣ? Хаёл мекунед, халқ аз ҳама гап бехабар аст? Як бор телевизиони Афғонистонро бинед ва онро бо телевизиони тоҷик муқоиса кунед. “Толибон” - террорист! Мо - демократия! Худ қазоват кунед.

Ҳамин бетарафӣ ва чоплусӣ аст, ки журналистони мо дар ҷомеа обрӯ надоранд. Журналист ҳамон вақт баобрӯ мешавад, ки гапи ҳақро нависад, камбудиро гӯяд, роҳи ҳал нишон диҳад.

Ин ҳарфи дили ман эрод ба журналистон аст, ки онро тариқи ҳафтаномаи дӯстдоштаам "Тоҷикистон” гуфтам.

Боқӣ, қазоват аз шумост!

Давлати ФАЙЗ

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН

ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ҲАКИМЗОДА ДАР ҚУБОДИЁН

Аз аёдати ягона иштирокчии ҶБВ то арзи сокинон



Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон барои ҳолпурсӣ ба манзили зисти ягона иштирокчии барҳаёти Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ дар ноҳияи Қубодиён Мамет Тошматов ва омӯзгори собиқадор Зилзила Зиёбуддиноваи 80-сола рафт.



Бояд гуфт, ки Зилзила Зиёбуддинова 43 сол ба таълиму тарбияи шогирдон дар муассисаҳои таълимии ноҳия машғул шуда, аз ҷумла 11 сол сарварии таълимгоҳи №4-и ноҳияи Шаҳритусро ба зимма доштааст. Фаъолияти пурмаҳсули ин омӯзгор бо нишони сарисинагии Аълочии маорифи ИҶШС, ордену ифтихорномаҳои даврони шӯравӣ қадрдонӣ карда шудааст.

Қурбон Ҳакимзода собиқадори меҳнатро ба муносибати фарорасии Рӯзи омӯзгорон табрику таҳният гуфта, ба ӯву аҳли оилааш саломатии бардавому рӯзгори ободу осуда таманно карда, аз номи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ин омӯзгори бознишаста мукофоти пулӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ тақдим намуд.

Ҳамчунин, дар ин рӯз, яъне охири ҳафтаи гузашта Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон сокинонро қабул карда, арзи онҳоро шунид. Сокинон бештар аз ниёзмандӣ ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ, мусоидат дар сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва корхонаи дӯзандагӣ, соҳибандии дарёи Кофарниҳон дар ҳудуди деҳаҳои алоҳида, таъмири роҳҳои маҳаллӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани замин дархост карданд.

Қурбон Ҳакимзода ба масъулини ниҳодҳои масъули вилоятӣ ва ноҳияи Қубодиён ҷиҳати баррасии бетаъхир ва ҳаллу фасли масъалаҳои матраҳкардаи шаҳрвандон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Машраби АЛОВИДДИН



АЗ «ИСЁНИ АРӮСОН» ТО «СУПЕР ДУХТАРАК»

Театрҳои тоҷик дар мавсими нав чӣ дастовез доранд?

Ҳафтаи равон пасупеш театрҳои касбӣ дар Тоҷикистон мавсими нави худро оғоз карданд. Мо бо театрҳо тамос гирифтем, то бидонем, ки онҳо дар мавсими нав ба тамошобин чӣ дастовез омода кардаанд.



Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ:

Театр мавсими 93-юмро рӯзи 20-уми сентябр бо намоиши “Баъди мурдан хоҳ биёӣ, хоҳ наё”, ки аз рӯи асари Холиқ Хурсандов ва таҳияи Султон Усмонов рӯи саҳна омадааст, оғоз намуд. Намоиши дигари театр дар ин мавсим “Фирдавсӣ” аст, ки аз рӯйи романи ҳамноми Сотим Улуғзода ба саҳна гузошта шудааст.

Ҳамчунин, дар мавсими нав театр намоиши “Пайғомак”-ро аз рӯи асари Д. Смирнов дар таҳияи коргардон Баҳром Қурбонзода рӯзҳои наздик пешкаши тамошобин мекунад. “Маро бикуш, ҷонакам” асари маъруфи драматурги турк Азиз Несин аст, ки дар таҳияи Султон Усмонов дар мавсими нав ба саҳна гузошта мешавад. Дар баробари ин театр чандин спектакли ҷолиб барои кӯдакон ва калонсолон пешкаш мекунад.

Театри академӣ-драмавии русии ба номи В. Маяковский:

Аҳли эҷоди театр дар мавсими нав намоиши “Мастер и Маргорита”-ро аз рӯи асари нависандаи рус Михаил Булгаков ба саҳна хоҳанд гузошт. Режиссёри намоиш саркоргардони театр Хуршед Мустафоев аст. Ҳамчунин, театр дар мавсими имсола намоишҳои соли қаблиро аз қабили “Хонума”, “Бунт невесток”, “Тартюф” ва ғайра ба саҳна хоҳад гузошт.

Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ:

Мавсими нави театрӣ бо намоишномаи “Мақоми ишқ”-и Фирӯз Баҳор оғоз шуд. Ҳунармандони театр ҳамчунин мехоҳанд операҳои “Айнӣ”, “Рӯдакӣ”, “Шайх-ур-раис”-ро бознигарӣ ва пешниҳоди тамошобинон кунанд. Ҳамчунин, дар театр операҳо бо ширкати ҳунармандони хориҷӣ дар назар аст.

Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов:

Масъулини театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов мавсими имсоларо бо намоиши “Дирафши коваёнӣ” аз рӯи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар таҳияи коргардони шинохта Нозим Мелик оғоз карданд. Дар репертуари театр ҳамчунин намоишҳои “Зани оҳанин”, “Тарма”, “Гунҷишкак механдад”, “Шаби танҳоии зан” ва намоишҳои кӯдакона мавҷуд аст.

Театри таҷрибавии ба номи Муҳаммадҷон Қосимов:

Ин театрро бештар бо номи “Аҳорун” мешиносанд. Театр асосан намоишномаҳои солҳои пеш ба мисли “Исфандиёр”, “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ, “Ватандорӣ” аз рӯи ашъори Лоиқ Шералӣ, “Макбет” аз рӯйи достони Уилям Шекспир ва “Таъбири ишқ” аз рӯйи достони “Лайли ва Маҷнун”-и Низоми Ганҷавӣ, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлонои Балхиро пешниҳоди тамошобинон мекунад.

Театри давлатии шаҳри Бохтар ба номи Ато Муҳаммадҷонов:

Театри давлатии шаҳри Бохтар ба номи Ато Муҳаммадҷонов мухлисони худро бо намоишномаи “Қалби зан” пешвоз мегирад, ки ин намоиш дар таҳияи Шукурзода Қурбонмуҳаммад аз рӯи асари Эркин Хушбахтов рӯи саҳна омадааст. Директори театр Отахон Саидзода дар суҳбат бо “Тоҷикистон” гуфт, ки “ба ғайр аз намоиши “Қалби зан” мо намоишномаҳои нав дорем, ки ба саҳна хоҳем гузошт. Инҳо намоиши “Арӯси хаппак” аз рӯи асари Ҷумъа Қуддус дар таҳияи Баҳром Қурбонзода ва як намоишномаи бачагона бо номи “Супер духтарак” дар таҳияи Баҳром Қурбонзода аз рӯи асари Ҷумъа Қуддус мебошанд. Дар ояндаи наздик нақша дорем, ки намоиши “Зол ва Рустам”-ро аз рӯи асари безаволи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар таҳияи Баҳром Қурбонзода ба саҳна гузорем”.

Театри давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Сайдалӣ Вализода:

Дар театри давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Сайдалӣ Вализода дар мавсими нав намоишномаҳои нав ба саҳна гузошта мешаванд. Аз ҷумла “Серӯза дунё” аз рӯи асари Набиҷон Қодирӣ, “Тарс” аз рӯи асари Нур Табаров дар таҳияи саркоргардони театр Одиназода Раҳмоналӣ ба намоиш гузошта мешавад. Ҳамзамон, ба саҳна гузоштани намоиши “Муқими кӯйи ҷонон” аз рӯи асари Сафармуҳаммад Аюбӣ ва намоиши бачагонаи “Ҳиллаҳои ҳаргӯшак” аз рӯи асари Шамсӣ Қиёмов дар таҳияи Одиназода Раҳмоналӣ дар назар аст.

Театри давлатии мазҳака ва мусиқии шаҳри Хуҷанд ба номи Камоли Хуҷандӣ:

Мавсими 89-уми театр бо намоишномаи “Қисмат” кушода шуд. Намоиш аз рӯи асари Василий Сигарев ва тарҷумаи Саидамин Ҷило дар таҳияи саркоргардони театр Суҳроб Шехов рӯи саҳна омадааст. Ҳамчунин, театр намоишҳои “Арӯси ҷойдорӣ”, “Булбули Хуҷанд”, “Камоли Хуҷандӣ”, “Исёни арӯсон” ва ғайраро пешкаши ҳаводорон мекунад.



Идибеки САИД

БУЗАК, НАМУР, БАҲОР МЕОЯД!

Роҳи Соҳибкорон кай боз мешавад?

Наздик ба ду сол мешавад, ки сокинони маҳаллаи Соҳибкорони шаҳри Душанбе (қаблан ноҳияи Рӯдакӣ) аз сабаби таъмири қубурҳои обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Душанбе бе роҳ мондаанд. Корҳои таъмиру тармим мисли он ки гӯшти уштур хӯрда бошанд, ба анҷом намерасанд ва сокинон ҳамоно саргардонанд.

Сокинони ин минтақа танҳо як роҳи маҳаллӣ доранд: аз кӯчаи Яккатут ба кӯчаи Абдулаҳад Қаххоров ва аз маҳаллаи Гулобод ба хиёбони Айнӣ. Ин ягона роҳе аст, ки сокинони маҳаллаҳои зиёди собиқ ҷамоатҳои Гулистону “Россия”-и ноҳияи Рӯдакиро ба марказ мепайвандад.

Моҳи ноябри соли 2020 дар роҳи маҳаллаи Соҳибкорон ба сохтмони лоиҳаи “Беҳтар намудани обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе” оғоз карда шуд, ки мушкилоти ҷойдоштаро дучанд кард. Пас аз оғози сохтмон ронандагон маҷбур шуданд, ки самти ҳаракати худро тағйир диҳанд. Акнун мошинҳо тавассути кӯчаҳои ҳамшафат сафар мекунанд, ки боиси ба вуҷуд омадани чандин мушкилоти дигар гардидааст.

Барно Зокирова, сокини маҳаллаи Соҳибкорон дар суҳбат ба мо гуфт: “Наздик ба ду сол аст, ки мо азоб мекашем. Роҳ вайрон аст. Вале коргарон як рӯз кор мекунанд, чанд рӯзи дигар нестанд. Парвое надоранд. Роҳҳои танги кӯчаҳои мо ҳам вайрон шуданду чандин қубурҳои обгузар сӯроху корношоям шуданд. Ба кӯдаконамон мушкил, ки сари вақт ба мактабашон расида наметавонанд”.

Мо дар ҷойи ҳодиса шоҳиди мушкили ронандагон низ шудем. Сафар Ҷоматов - ронандаи хатсайри №39 (ягона хатсайри ин минтақа) дар суҳбат бо мо аз мушкилиҳо гуфт: “Аз сабаби вайронии роҳ дар 4 моҳ як маротиба чархҳои мошинро бо маблағи 4000 сомонӣ иваз мекунам. Ба ғайр аз ин чандин таҷҳизоти техникии дигарро ҳар сари чанд вақт иваз кардан лозим аст. Мо - ронандагони хатсайри №39 якҷо маблағ ҷамъ карда, аз ҳисоби худамон ҷо-ҷои роҳро тармим мекунем, то ки худамон мушкилӣ накашем”.

Мувофиқи овезае дар маҳали сохтмони лоиҳаи “Беҳтар намудани обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе” ин лоиҳа бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Осиёии Рушд, МИҲД-и шаҳри Душанбе бояд амалӣ карда шавад. Фармоишгари ин иншоот КВД “Обу корези Душанбе” ва мушовири байналхалқӣ ширкати австралиягии “СМЕК интернешнл ПТИ Лимитид” мебошад.





Барои ин лоиҳа беш аз 9 млн долари ИМА чудо гардидааст ва бояд сохтмонро то моҳи ноябри соли равон пурра ба итмом расонанд. Вале аз суръати кори коргарони лоиҳа фақат мақоли зерин ба ёд меояд:

Бузак, бузак, намур, баҳор меояд...

И. САИД

ДОНИШКАДА МАҚОМИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГИРИФТ



27-уми сентябр бинои нави маъмурӣ ва таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо иштироки Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ифтитоҳ ёфт.

Бинои нав бо шароити муосир

Иншооти нави маъмурӣ ва таълимии донишкада аз 3 бинои 5-ошёна ва таҳхона иборат мебошад. Иншооти таълимӣ барои 1500 нафар донишҷӯ пешбинӣ шудааст. Бинои мазкур дорои 41 синфхона, 4 толори машғулиятҳои назариявӣ барои 140 нафар, мачлисгоҳ бо 120 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ, китобхона бо адабиёти таълимӣ ва забономӯзӣ, 47 ҳуҷраи кории устодон ва таҳхона барои бойгонӣ мебошад. Толори варзишии донишкада пурра аз таъмири асосӣ бароварда шудааст.

Дар донишкада 2 синфхонаи лингофонӣ, 9 синфхонаи компютерӣ мучаҳҳаз бо технологияи муосир, китобхонаи электронӣ бо 50 ҷойи нишаст, толори фарҳангӣ бо 235 ҷой мавҷуд буда, раванди таълим пурра бо истифода аз тахтаҳои электронӣ ва проекторҳо сурат мегирад. Ҳоло дар донишкада 404 компютер ба шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст буда, барои истифодаи ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дастрас мебошад.

Биноҳои нав бо тарҳи зебову замонавӣ ва мувофиқ ба стандарти байналмилалии таълим бунёд шуда, бо тамоми ашёи зарурии илмомӯзӣ мучаҳҳаз аст.

Президенти мамлакат бо шароити муосири донишомӯзӣ дар донишкада шинос шуда, ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дод.

Хатмкардагони донишкада дар СММ

Ҳамчунин, дар ин рӯз Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи биноҳои нави Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар арафаи таҷлили Рӯзи забони давлатӣ бо устодону донишҷёни донишкада ва аҳли маорифи пойтахт мулоқот кард. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст ҳамаи ҳозиринро ба муносибати ифтитоҳи биноҳои нави таълимии донишкада ва ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки ҳамасола 5-уми октябр дар кишвар таҷлил мегардад, табрик гуфт.

Ба таъкиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ изҳор дошт, ки ҳоло хатмкардагони донишкада дар ҳама гӯшаву канори мамлакат ва берун аз он, аз ҷумла дар Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, инчунин, дар сафоратҳои Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ муваффақона фаъолият карда истодаанд.





Президенти мамлакат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти шароити муҳайёгардида ва бо мақсади рушду инкишофи боз ҳам бештари фаъолияти илмиву таълимии муассиса дар самти омода намудани мутахассисони баландпояи донандаи якчанд забони хориҷӣ пешниҳод намуд, ки номи донишкада ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода табдил дода шавад.

Ба Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳо дастур дода шуд, ки дар муддати 3 моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро доир ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Нигоҳе ба таърих ва фаъолияти имрӯзи донишкада

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода соли 1979 ҳамчун Донишкадаи омӯзгории забон ва адабиёти руси Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Бори аввал ба донишкада донишҷӯён соли 1980 қабул гардиданд, ки шумораи онҳо 525 нафарро ташкил медод. Бо шарофати истиқлоли давлатӣ шумораи донишҷӯён рӯз аз рӯз афзоиш ёфта, айни ҳол ба 5100 нафар расидааст. Ин шумора нисбат ба солҳои аввали таъсисёбӣ 10 баробар бештар аст.

Дар донишкада солҳои аввали фаъолият мутахассисон танҳо дар самти ихтисосҳои филологияи рус омода мегардиданд. Баъдтар, солҳои 2000-ум дар доираи се факултет - филологияи рус, забонҳои Шарқ ва забонҳои романию германӣ ва даҳсолаи охир дар доираи 5 факултет - филологияи тоҷик, филологияи рус, забони англисӣ, забонҳои Осиё, забонҳои Аврупо шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ ва 31 ихтисос мутахассисон аз рӯйи 11 забон дар самтҳои омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва забоншиносӣ дар зинаи бакалавриат омода карда мешаванд.

Дар шуъбаи рӯзона ва дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ 1796 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, 1560 нафар духтар ва дар маҷмуъ 4999 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, 3573 нафар духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 202 нафар тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ 12 217 нафар донишҷӯ донишкадаро бо касбҳои омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва забоншиносӣ хатм намудаанд.

Дар донишкада 434 нафар фаъолият менамоянд, ки аксари онҳоро ҳайати роҳбарикунанда ва профессорону омӯзгорони асосӣ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандону омӯзгорони асосии донишкада 80 нафарашон устодони дорои дараҷаи илмӣ, 10 нафар доктори илм ва 70 нафар номзадҳои илм мебошанд.

Дар панҷ соли охир дар шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ ва хориҷӣ аз ҳайати омӯзгорони донишкада 37 нафар рисолаи номзадӣ ва 4 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд.

Донишкада бо беш аз 52 муассисаву ташкилотҳои хориҷӣ ҳамкории бисёрҷабҳа ба роҳ мондааст, ки дар пешрафту ишкишофи ҳамаҷонибаи донишкада мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин муддат 423 нафар донишҷӯёни донишкада ба кишварҳои хориҷ барои идомаи таҳсил сафарбар карда шудаанд. Ҳамзамон, дар ин давра шаҳрвандони кишварҳои хориҷи дуру наздик дар зинаҳои бакалавриат, магистратура, аспирантура ва курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзии донишкада ба ҳайси донишҷӯй, аспирант ва шунаванда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки шумораи умумии онҳо ба 2696 нафар мерасад.

Илова бар ин, дар ин муддат ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши забондонии донишҷӯёни донишкада аз 21 кишвар омӯзгорони соҳибзабон барои кор ва фаъолият ба донишкада ҷалб гардидаанд, ки 213 нафарро ташкил медиҳанд.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

Фурқати Саид:

ДАРДИ МАН ДАРДИ «ШАШМАҚОМ» АСТ!

Фурқати Саид, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, яке аз сарояндагони саршиноси “Шашмақом”, мубаллиғи ин мероси гаронбаҳо ва директори Ансамбли давлатии “Шашмақом” ба номи Фазлиддин Шаҳҳобов ҳафтаи равон 55-сола мешавад. Ба ин муносибат бо эшон суҳбате оростем, ки фишурдаи онро манзури шумо мекунем.



То як тоҷик ҳаст, “Шашмақом” намемирад!

- Устод, имрӯзҳо машғули чӣ кор ҳастед?

- Давоми 2-3 соли охир китобе таълиф кардам, ки бо ду забон - русиву тоҷикӣ аст ва ном дорад “Ворисони Шашмақом”. Ин китоб сайри таърихии мақомсароӣ ва ёдоварӣ аз устодони номвар ва шахсиятҳое аст, ки барои рушди “Шашмақом” саҳм гузоштаанд. Феълан, китоб дар таҳрири доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Фароғат Азизӣ аст ва умед дорам, ки рӯзҳои наздик чоп мешавад. Ҳамчунин, китоби дигар таҳти унвони “Навои Андалеб” дар арафаи чоп аст ва он аз таронаҳои банда, ки рӯйи адвор оварда шудаанд, иборат мебошад. Дигар аз пайи эҷоди сурудҳои нав ҳастем.

- Китоби шумо “Ворисони Шашмақом” ном дорад ва “Шашмақом” ҳам ба воситаи устодони бузург ба мо мерос мондааст. Оё имрӯз ин мероси нодир дар дасти ворисони арзанда аст?

- Гумон мекунам, ки дар замонҳои қадим низ устодони мо пайваста ин суолро ба худ медоданд: “Оё аз уҳдаи иҷрои мақом баромадам? Оё онро ба шунаванда расонида тавонистам?”. Ин суоли ҷовидонист. Имрӯз низ ҳунармандон кӯшиш мекунанд, вале қазоват аз мардум аст. Фақат ман бо боварӣ гуфта метавонам, ки мо айни замон сарояндагони ҳирфаӣ дорем. “Шашмақом” низ мухлисони сершумор дорад. Худораҳматӣ Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар суҳбате гуфта буд: “То як тоҷик дар рӯйи сайёра зинда аст, “Шашмақом” намемирад ва садо хоҳад дод!”.

- Вале, ба мушоҳидаи банда, таваҷҷуҳ ба “Шашмақом” ба ҳадди зарурӣ нест...

- “Шашмақом” замоне ки дар Бухоро пайдо шуд ва дар ҳавзаҳои мухталиф доман паҳн кард, дигар сабкҳои мусиқӣ рушд накарда буданд. Имрӯз жанрҳо хеле зиёд шудаанд ва табиист, ки шунаванда доранд. “Шашмақом” низ алоқмандони худро дорад. Дар ҳама давру замон мухлисони “Шашмақом” аҳли маънӣ буданд. Ҳар инсон вақте ба камол мерасад, ба ин навъи мусиқӣ рӯ меорад. Ин табиист. Дар мавриди камтаваҷҷуҳӣ мушоҳидаи шумо дуруст аст. Тарғиби “Шашмақом” бо ду пой мелангад ва касеро парвое нест.

Ифтихори дурӯғин

- Кӣ бояд “Шашмақом”-ро тарғиб кунад?

- Телевизиону радио, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳар нафаре, ки дар назди миллат як зарра масъулият дорад, новобаста аз он ки мухлиси “Шашмақом” ҳаст ё не, бояд онро тарғиб кунад, зеро он мероси гаронбаҳои падару бобоёни мост.

- Ансамбли шумо дар тобеияти Кумитаи телевизион ва радио аст. Чӣ метавонад монеи тарғиб бошад?

- Он расонаҳо дар дасти мо нестанд. Вазифаи мо эҷод кардан аст, на ин ки телевизиону радиоро зораву тавалло кардан, ки моро сабту пахш кунанд. “Шашмақом” мусиқие нест, ки ман сар хам карда равам, ки маро сабт кун. “Шашмақом” мероси нодир аст ва телевизиону радио бояд худашон масъулият эҳсос кунанд. Барои мисол, рӯзи сешанбе як соат ТВ “Сафина”, чорашанбе “Телевизиони Тоҷикистон” ва панҷшанбе ТВ “Шаҳнавоз” яксоатӣ “Шашмақом” пахш кунанд. Радиоҳо низ. ТВ “Синамо” аз таърихи “Шашмақом” филм ба навор гирад. Айб аст, ки дар давоми ин қадар сол дар бораи “Шашмақом” як филм ҳам нест...

- Худи шумо як замон дар телевизион дар бораи “Шашмақом” барномаҳо омода мекардед. Чаро ин корро идома надодед?

- Бале. Бо мақсади тарғиби “Шашмақом” чанд барнома таҳия кардам, аз ҷумла “Нидои қарнҳо”, “Самои зуҳра” ва “Навоят дардҳо дорад” доир ба таъриҳ ва устодони бузурги “Шашмақом”. Вале дигар имкон даст надод. Банда роҳбари ансамбли давлатӣ ҳастам ва ташвишҳои зиёди корӣ дорам. Худам ҳам бояд эҷод кунам. Таҳияи барнома кори ман нест. Чандин нафар дар соҳаи санъат унвони номзадиву докторӣ гирифтанд. Чаро бо телевизионҳо шартнома баставу як барнома таҳия намекунанд? Ҳама аз минбарҳо гӯё бо “Шашмақом” ифтихор мекунанд, ифтихори дурӯғин.

Ҳунарманд бояд дар саҳна бимирад

- Шумо 16 сол аст, ки роҳбари Ансамбли давлатии “Шашмақом”-и ба номи Фазлиддин Шаҳҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастед. Феълан дар ансамбл чанд нафар фаъолият мекунанд?

- Беш аз 30 нафар.

- Чанд сол пеш устодони ҳунарро ба нафақа ҷавоб додед...

- Ҷавоб доданд, аз боло. Ман то ҳол мехоҳам онҳоро баргардонам.

- Умуман ҳунар синну сол дорад?

- Не. Барно Исҳоқова мегуфтанд, ки 25-30 сол “Шашмақом” машқ мекунед, баъдан маълум мешавад, ки ҳофиз мешавед ё не. Ман акнун “Гулъузорам” ва “Ушшоқи Самарқанд”-ро ба табъи дил мехонам. Бо гузашти сол ва андӯхтани таҷриба овоз сайқал меёбад, ҳунарманд ба умқи маънои шеър мерасад. Нав ҳунарманд пухта мерасад, ки “пир” гуфта, ҷавоб медиҳанд. Ҳол он ки, дар пирӣ вай нав ҳофиз мешавад, устод мешавад, бояд омӯзонад. Ҳунарманд синну сол надорад, ӯ бояд дар саҳна бимирад.

Мо имрӯз миллати фарҳангӣ нестем!

- Феълан, дар кишвар чандин ансамбл ва гуруҳҳои “Шашмақом” фаъолият мекунанд. Фаъолияти онҳоро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

- Ман ростӣ ба таври зарурӣ аз фаъолияти онҳо хабар надорам.

- Чаро? Магар дар Тоҷикистон чорабинӣ ё ҷашнворае нест, ки мақомсароёнро ба ҳам орад?

- Мутаассифона не. Чанд сол қабл дар Конибодом ва баъдан дар шаҳри Турсунзода чунин ҷашнвора гузашт, вале он қадар муассир набуданд. Зеро ҳадафи ин чорабиниҳо дигар буд, на хизмат ба “Шашмақом”. Ман борҳо пешниҳод кардам, ки дар Душанбе Ҷашнвораи “Шашмақом” баргузор кунем, вале амалӣ нашуд. Бори дигар аз ин минбар низ мегӯям, дар Душанбе бояд Ҷашнвораи байналмилалии “Шашмақом” бо шукуҳу шаҳомат баргузор шавад. Зеро “Шашмақом” бузургтарин дороӣ ва арзишмандтарин мероси гузаштагони мост.

- Чаро пешниҳоди шумо дар мавриди Ҷашнвораи “Шашмақом” пазируфта нашуд?

- Фикр мекунам, нафароне, ки ман ин пешниҳодро кардам, “Шашмақом”-ро дӯст намедоранд. Дигар ин ки, онҳо дарди сари молӣ намехоҳанд. “Бисёр пешниҳоди нағзу худат пул ёб” мегӯянд. Яъне бепарвоӣ мекунанд. Зеро, касеро парвое нест. Ҳатто супориши саркори давлатро иҷро намекунанд. Фармони Пешвои миллат таҳти рақами 294 аз соли 2000-ум оид ба рушду нумуи “Шашмақом” дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ба тасвиб расидааст. Вале ҳаминро ҳам ба назар намегиранд. Афсӯс, ки мо имрӯз миллати фарҳангӣ нестем! Бовар кунед, дилам пора мешавад. Гоҳо меандешам, ки магар “Шашмақом” фақат барои ман даркор аст? Бовар кунед, ман ягон камбудӣ надорам. Шукри худованд, хонаву мошин дорам, фарзандонам ҷо ба ҷо... Ягона дарди ман “Шашмақом” аст.

- Яҳудиёни Бухоро низ меросбарони “Шашмақом” ҳастанд ва то имрӯз барои рушди мақомсароӣ талош мекунанд. Бо мақомсароёни яҳудӣ робита доред?

- Соли 2016 ба истиқболи 100-солагии Ҳофизи халқии Тоҷикистон Нериё Аминов аввал дар Душанбе ва баъдан дар Амрико ҳамоиш ва консерт баргузор шуд. Банда ба ин чорабинӣ, ки дар Квинси Ню Йорк гузашт, даъват шуда будам. Ҳам дар қисмати аввал, ки ҳамоиши илмӣ буд, суханронӣ кардам ва ҳам дар консерт ду суруд хондам. Дар он ҷо хеле хурсанд шудам, зеро конфронс ба забони тоҷикӣ баргузор шуд ва дар консерт барномаи “Шашмақом” пурра ба тоҷикӣ гузашт. Аз ҳама муҳим, яҳудиён бо вуҷуди дур шудан аз ҷуғрофиёи “Шашмақом” мактаби асили “Шашмақом”-ро нигоҳ доштаанд. Агар чизе ҳам ҳамроҳ кардаанд, зеботар кардаанд. Дар миёни онҳо шоироне пайдо шудаанд, ки имрӯз дар вазни “Шашмақом” бо забони тоҷикӣ шеър менависанд. Вале афсӯс мехӯрам, ки мо бо онҳо робита надорем. Агар Ҷашнвораи “Шашмақом” дар Душанбе мешуд, мо бо онҳо иртибот пайдо мекардем.

Пул надорам...

- Ҳафтаи равон 55-сола мешавед. Бо чӣ руҳия ин санаи умрро пешвоз мегиред?

- Шукри худованд, аз саломативу зиндагӣ ва корам шикоят надорам. Ман табиатан бисёр зудранҷ, ҳассос ва асабӣ ҳастам, барои беадолатӣ гиребон мегирам ва ҳарфи диламро, агар дағал ҳам бошад, рӯ ба рӯ мегӯям. Вале дар 55-солагӣ нисбатан ором шудам. Лекин руҳияам эҷодӣ аст ва фикр мекунам, ки чанд кори муҳимро бояд ба сомон расонам.

- Дар арафаи мавлудатон консерт баргузор мекунед?

- Не! Вақт ва пул надорам. Барои арзонтарин толор 12-15 ҳазор сомонӣ иҷорапулӣ додан лозим...

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

БИЁ, КИ ФОЛАТ БИНАМ!

Инсонҳо кай аз вартаи макру фиреби фолбинҳову соҳирон раҳоӣ меёбанд?

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир муроҷиати мардум, хусусан занон ба фолбинҳо барои гӯё “ҳал кардани мушкилоташон” бештар шудааст. Бехабар аз он, ки ба ин васила ягон мушкилашон ҳал нашудаву баръакс мураккабтар мегардад ва болои ин, пули барои харҷи рӯзгор ҷамъовардаи аҳли оилаашонро беҳудаву бесамар чошу пош мекунанд.



ҲОҶӢ ҲУСАЙН МӮСОЗОДА МЕГӮЯД, КИ АЗ НИГОҲИ ДИНИ МУБИНИ ИСЛОМ БОВАР КАРДАН БА ФОЛБИН ШИРК ОВАРДАН БА ХУДОСТ ВА ГУНОҲИ КАБИРА АСТ. ҲАР ТОИФА, КИ БА НАЗДИ ФОЛБИН МЕРАВАНД, ОГОҲ БОШАНД, КИ ДАСТ БА СОДИР КАРДАНИ ГУНОҲИ КАБИРА ЗАДААНД.

Шеваҳои “хизматрасонӣ”-и фолбинҳо

Аслан, таҷрибаи истифода аз “хизматрасонӣ”-и фолбинҳо дар Тоҷикистон таърихи тӯлонӣ дорад ва давоми солҳо бо шеваҳои наву мухталиф амалӣ мешавад. Масол, солҳои пеш дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе метавонистем занеро вохӯрем, ки канори роҳ нишаставу бо истифода аз “хизматрасонӣ”-и тутӣ фол мекушод. Шоири барӯманди тоҷик Абдулқодири Раҳим атрофи чунин манзараҳо андешаҳои ҷолиб дорад. Масалан, ӯ мегӯяд: “Шумо дидаед ва ҳам шунидаед. Агар надидаед ва ҳам нашунидаед, аз он аст, ки дур аз маркази пойтахти кишвар зиндагӣ мекунед. Ва ё ба бозорҳои он сар нахалондаед. Вагарна, медидед ва ё мешунидед, ки чӣ хел инсон бечора тӯтиро ба хидмат ҷалб кардааст. Аҷаб як хидмате: фолбинӣ. Шакли он тамоман нав мебошад. Тӯтӣ аз миёни коғазҳои навишташуда якеро бо амри соҳибаш интихоб мекунаду мегирад ва ба ӯ медиҳад. Амр тааҷҷубовартар аст: «Канӣ, тӯтиҷон, бахти амакашро як бисанҷ!». Нахуст амакаш барои ин як сомонӣ бояд пардохт намояд. Амакаш матни пур аз ғалатро мехонад: Тақдирномаи шумо аз назари Ҳофизи Шерозӣ...”.

Ҳамзамон, Абдулқодири Раҳим аз усули дигари фолбинӣ ёдовар мешавад: “Солҳои сол бо қарта фол мегирифтем. Фолбин онҳоро омехта мекард ва аз он миён чандтояшро мегирифту мекушод. Баъд вобаста ба он тақдири моро пешгӯӣ ва аз гузаштаамон ҳикоят менамуд. Усулҳоро баъдҳо дигар карданд. Ҳатто бо ифтихор мегуфтанд, ки пиронамон, чинҳо, париҳо чунину чунон мегӯянд. Ин гуруҳ ба хонаи муштариёнашон низ роҳ меёфтанд ва чизҳои ғариб пайдо мекарданду онҳоро ба тааҷҷуб меовардандуметарсонданд. Ва низ мегуфтанд, ки ин амалҳои номатлубро нисбати шумо хешовандон, ҳамсояҳо раво диданд. Бо сухан тахминан қиёфаи онҳоро бозгӯ мекарданд. Албатта, муштарӣ дар ин маврид бо фирефтагӣ тухми фитнаву душманиро дар дил нисбати хешованду ҳамсояи тасаввуркардааш мепарварид. Фолбинии лӯлиён барои ҳамаи мо маълум аст. Шукр, шумораашон солҳои охир кам гардид. Не, балки бозори онҳоро фолбинҳои маҳаллӣ танг карданд. Чунин ба назар мерасад, ки то дунё боқист, аз вартаи макру фиреби онҳо инсонҳо раҳоӣ намеёбанд. Онҳо вобаста ба сохту замон шаклу усулҳои фаъолияташонро тағйир медиҳанд, аммо асл боқӣ мемонад”.

Барои фолбинҳову соҳирон ҷазо муқаррар шудааст

Тавре қаблан зикр кардем, нафарони хурофотпараст бисёранд ва дар ҳоли дучори мушкилие шудан ҷониби фолбинҳо мешитобанд. Масалан, масъулини корҳои дохилии шаҳри Душанбе нимаи моҳи майи соли 2022 як зани 66-солаи сокини маҳаллаи Гулпарвари ноҳияи Фирдавсиро барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду 2560 сомонӣ ҷарима карданд. Ин зан на саводи динӣ доштаасту на дунявӣ. Аммо аз шаҳрвандоне, ки ҳатто саводи динию дунявӣ доранд, бо роҳи даромадан ба боварии онҳо пул гирифта, “корашонро буд мекардааст”.

Чунин ҳодисаҳо хеле зиёданд. Ҳол он ки, машғул шудан ба фаъолияти фолбиниву ҷодугариро ҳам дини ислом манъ кардааст, ҳам қонунҳои кишвар.

Тибқи моддаи 482 (машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ)-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ,

- ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда,

- ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз шаст то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Бино ба иттилои сардори маркази матбуоти Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, капитани милитсия Сироҷиддин Шакурӣ, аз моҳи январ то сентябр 21 ҳолати машғул шудан ба фолбиниву ҷодугарӣ ба қайд гирифта шудааст. Нисбати 21 нафар протоколи маъмурӣ бо моддаи 482-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд будааст.

“Сабаб пеш аз ҳама боварии мардум аст. Боз, ба қавле, вақтҳои охир муроҷиат мудерн, яъне замонавӣ шудааст. Ҳатто тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, масалан “Вотсап” муроҷиат мекунанд, ки “фол бинед, ё ҷодугарӣ кунед”. Масалан аз Русия муроҷиат мекунанд, сурати ягон духтар ё писарро мефиристанд...”,- мегӯяд ҳамсуҳбатамон.



Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода



Абдулқодири Раҳим



Сироҷиддин Шакурӣ

Ба гуфтаи С. Шакурӣ, аз ҷониби мақомот нисбати ин тоифа фақат протоколи маъмурӣ тартиб дода шудаву ҷаримабандӣ карда мешаванд. Инчунин, забонхат гирифта мешавад, ки дигар ба ҳамин кор даст намезанад.

Фолбинӣ кори мусалмон нест!

Фаъолияти фолбиниву соҳириро руҳониён накуҳиш мекунанд ва нафареро, ки аз хизматрасонии онҳо истифода мебарад, гумроҳ меҳисобанд.

Роҳбари Шӯрои уламои дини вилояти Суғд Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода аз афзоиши фолбинӣ ва фирефташавии шаҳрвандони соддалавҳ нигаронӣ карда, мегӯяд: “Сеҳру ҷоду таърихи чандҳазорсола дорад, ки дар замони пайғамбарони мову шумо буд. Аммо аз нигоҳи дини мубини ислом бовар кардан ба фолбин ширк овардан ба Худост ва гуноҳи кабира аст. Ҳар тоифа, ки ба назди фолбин мераванд, огоҳ бошанд, ки даст ба содир кардани гуноҳи кабира задаанд. Албатта, имрӯз хоса занон бо мушкилоти бахткушой, гарму сардкунӣ, бефарзандӣ ва даҳҳои дигар ба пеши фолбин мераванд ва гӯё корашон ҳал мешавад. Аммо фарзандро танҳо Худо ато мекунад. Мушкили моро танҳо ин зоти пок ҳал мекунад. Дарди моро танҳо Худо худаш даво мебахшад. Рӯй овардан ба фолбинӣ кори мусалмон нест ва бешак 99%-и суханоне, ки фолбинон ба корафтодагон мегӯянд, дурӯғу бепоя аст. Ҳар касе, ки аз гумроҳӣ ба пеши фолбин мераваду баътар хатои худро дарк мекунад, ҳатман бояд тавбаву истиғфор карда, аз Худо бахшиши гуноҳашро пурсад”.

Роҳҳои пешгирии гумроҳӣ

Таҳлилгарон яке аз роҳҳои асосии пешгирии гумроҳии нафарони ба сеҳру ҷоду таваҷҷуҳдоштаро боздошти фолбинҳову соҳирон ва ҷаримабандии онҳо арзёбӣ мекунанд. Бархе иртиботи қавии руҳониён ва намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оиларо бо аҳолӣ ва хислати маслиҳату фаҳмондадиҳӣ доштани робитаҳоро таъкид мекунанд.

Инчунин, фароҳам овардани институти равоншиносӣ зарур аст, зеро он дар кишвари мо ба таври назаррас фаъолият намекунад. Хеле заруриву саривақтист, ки дар деҳот, ҳадди ақал дар ҳар ҷамоат як-ду равоншинос фаъолият намоянд. Ин имконият фароҳам меорад, то нафарони дар майнаашон шабаҳ пайдошуда на ба фолбин, балки ба равоншинос муроҷиат намоянд.

Фазлиддин АСОЗОДА



«МАСНАВӢ» БА ЗАБОНИ ЎЗБЕКӢ

40 сол «Маснавӣ»-ро омӯхтаму 10 сол тарҷума кардам,- мегӯяд Одил Икром



Шоири маъруф Одил Икром чанде пеш барои тарҷумаи осори адибони тоҷик, махсусан, тарҷумаи комили "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба забони ӯзбекӣ барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гардид. Дар арафаи Рӯзи бузургдошти Мавлоно бо эшон ҳамсуҳбат шудем.

Даричаи ошноӣ:

Одил Икром зодаи деҳаи Кӯлканди ҷамоати деҳоти Чилгазии ноҳияи Исфара аст. Хатмкардаи бахши забон ва адабиёти ӯзбеки факултаи таъриху филологияи Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С. М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) мебошад. Аз соли 1981 фаъолияти кориашро дар ноҳияи Ҳисор ба ҳайси муаллим оғоз кардааст. Муддате мухбири рӯзномаи «Совет Тожикистони» (ҳоло «Халқ овози») буд. Аз соли 1986 то соли 1990 корманди Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд буд. Аз соли 1991 узви Иттифоқи нависандагони СССР. Шоири рангинхаёл ва навпардоз аст. Дар доираҳои адабии Ӯзбекистон ӯро ҳамчун шоири лирик мешиносанд. Ашъораш дар маҷмӯаҳои «Уфуқ дарахти» («Дарахти уфуқ», 1991, Тошканд), "Таҳаҷҷуд" (2007), "Узлат", "Таҳаммул" (2012) ва «Хаёл мақбараси» чоп шудааст.

Як самти муҳими фаъолияти эҷодии Одил Икром тарҷумаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ мебошад. Маҷмӯаи шеърҳои Фурӯғи Фаррухзод, Лоиқ Шералӣ, Фарзона, Озарахш, Нақибхон Туғрал, Ҷалолиддини Румӣ, Муҳаммад Иқбол ва намунаи ашъори 70 адиби тоҷикро дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва антологияи назму насри муосири тоҷик ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

- Муҳтарам Одил Икром, нахуст мушарраф шуданатонро ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ табрик мегӯям.

- Сипос. Ман аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагон миннатдорам, ки ин мукофоти олиро ба ман сазовор донистанд.

- Шумо солҳост, ки ба тарҷумаи осори шоирони тоҷик ба забони ӯзбекӣ машғул ҳастед. Ин корро аз кай шуруъ кардед?

- Ман 24-сола будам, ки бори нахуст ба тарҷумаи ашъори шоири эронӣ Фурӯғи Фаррухзод шуруъ кардам. Аз он вақт инҷониб якчо бо кори эҷодии худ асарҳои адабони форсу тоҷикро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда истодаам. Асосан баъди чиҳилсолагӣ чиддӣ ба тарҷума пардохтам.

- Яке аз корҳои муҳими шумо тарҷумаи мукаммали "Маснавии маънавӣ" аст. Чӣ шуморо такон дод, ки ин асари калонҳаҷмро тарҷума кунед?

- «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ зиёда аз ҳафт садсола аст, ки шефтагони фарҳангу алоқмандони ирфонро дилбохтаи хеш гардонидааст. Ин шоҳкории бенази¬ри адабӣ нардбони руҳу дил аст, ки ҳар фарди соҳиби имонро пилла-пилла то мулоқоти Худо сууд мебахшад. "Маснавӣ" асари бузургҳаҷме дар шаш дафтар аст. Ба ҳисоби румишинос Тоҷибой Султонӣ, теъдоди абёти "Маснавӣ" ду баробар бештар аз девони Ҳофиз ё баробар ба теъдоди абёти тамоми "Куллиёт"-и Саъдӣ аст. Маснавӣ чун «Ал-ҷомеъ ас-саҳиҳ»-и Имом ал-Бухорӣ ҳамсафари Қуръони карим аст. Таваҷҷуҳи ман ба «Маснавӣ» дар охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта аз мутолиаи китоби «Ҳикоятҳои халқии «Маснавӣ», ки соли 1963 аз ҷониби Расул Ҳодизода чоп шудааст, оғоз ёфт. Баъдан, беш аз 40 сол ин асарро омӯхтам ва баъдан ба тарҷума пардохтам. Зиёда аз даҳ соли умрамро ба тарҷумаи «Маснавӣ» бахшидам. Тарҷумаро аз рӯи нусхаи Қуния анҷом додам. Ин нусха куҳантарин ва асли "Маснавии маънавӣ" маҳсуб мешавад, зеро пас аз панҷ соли даргузашти Мавлоно китобат карда шудааст.

Хушбахтона, тарҷумаи банда аз ҷониби аҳли адаби ӯзбек хуш пазируфта шуд ва ҳар дафтари он дар Тошканд ба теъдоди 5-ҳазорнусхагӣ, ҷамъулҷамъ 30 ҳазор нусха ба нашр расид. Дар боробари ин банда «Ҳикоятҳо аз «Маснавии маънавӣ»-ро дар шаш дафтар, ки ҳамчун изҳороти насрӣ барои кӯдакон ва хонандагони хурдсол аст, тарҷума кардам ва он низ бо теъдоди 30 000 нусха (ҳар дафтар 5000-нусхагӣ) дар Тошканд чоп шуд.

- Тавре огоҳам, қабл аз шумо ҳам "Маснавии маънавӣ" ба ӯзбекӣ тарҷума шуда буд. Зарурати тарҷумаи дигарбораи он дар чист?

- Бале. Шоири ӯзбек Аскар Маҳкам дар Ӯзбекистон аввалин шуда ба тарҷума ва шарҳи "Маснавӣ" пардохтааст. Мутаассифона, ба иллати марги нобаҳангом ин кори хайр қатъ шуд. (Ҳоло дӯсти мо Абдуллоҳи Зуҳур шарҳи «Маснавӣ»-ро идома медиҳад). Баъдан, «Маснавӣ» дар тарҷумаи шоири ӯзбек Ҷамол Камол чанд маротиба пурра ба табъ расид. Хизмати Ҷамол Камол шоистаи тақдир аст ва дар румишиносии ӯзбек кори мондагор мебошад. Вале холисона агар бигӯем, ин тарҷума нуқсонҳои зиёд дорад. «Маснавӣ» дар баҳри рамали мусаддами мақсур ё маҳзуф (фоилотун, фоилотун, фоилун, ё фоилон) навишта шудааст. Тарҷумон кӯшиш мекард, ки ин вазнро нигоҳ дорад, вале дар бисёр ҷойҳо талаботи вазн риоя карда нашудааст. Қофияҳои бисёр мисраъҳо низ ҳамоҳангӣ надоранд. Танҳо дар як китоби ин асари шашкитобӣ ба беш аз шашсад ояти Қуръони карим ва беш аз сад ҳадис ишора шудааст. Дар тарҷумаи қаблӣ ҳатто даҳяки ин истинод нишон ва ё шарҳ дода нашудаанд. Ин камбудиҳо монеаи бузурге буданд, ки хонандаи ӯзбек аз мазмуну мундариҷаи ин асар ба таври комил огоҳӣ наёфт. Ба андозаи зарурӣ огоҳӣ надоштани мутарҷим аз маъниҳои ирфонии «Маснавӣ» руҳи асарро барбод додааст. Дар тарҷума байтҳои бешуморе мавҷуданд, ки барои хонандаи ӯзбек нофаҳмо ҳастанд. Ба назар мерасад, ки асар бо услуби «ширу шакар» тарҷума шудааст. Илова бар ин, аксар байтҳо нодуруст тарҷума шудаанд... Ҳамин аст, ки ман дигарбора ба ин кор пардохтам.

- Дар боробари "Маснавӣ" хонандагони ӯзбек бештар ашъори кадом шоири тоҷикро хуш мепазиранд?

- Хонандаи ӯзбек мутолиа кардани осори тамоми намояндагони адабиёти форс-тоҷикро дӯст медорад, вале ба эҷодиёти Лоиқ Шералӣ ихлоси хоса дорад. Аз ин рӯ, дар соли 2008 тасмим гирифтам силсилаи "Модарнома"-и ӯ ва чанд шеъри фалсафӣ ва ошиқонаи ӯро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кунам. Ин китоб дар Хуҷанд ва Тошканд бо теъдоди зиёд нашр шуд. Таваҷҷуҳи зиёд доштани хонандагони ӯзбек ба ашъори устод Лоиқро ба назар гирифта, тарҷумаҳои нави ашъори ӯро тартиб додаам. Дар ҳоли ҳозир китоби нави Лоиқ Шералӣ бо номи "Кӯнглим дуо истар..." ба чоп омода аст. Агар сарпараст пайдо шавад, ин китоби устод ба забони ӯзбекӣ чоп мешавад. Ҳамчунин, ашъори Муҳаммад Иқболро тарҷума кардаам, ки он ҳам омодаи нашр аст.

Мусоҳиб:
О. НОЗИР



ШИКОЯТИ СОКИНОН АЗ CITYCARD

Шуруъ аз 1-уми апрели соли 2018 сокинони пойтахт дар нақлиёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар автобус ва троллейбус кортҳои пластикии нақлиётӣ истифода мебаранд. Арзиши корти пластикӣ 10 сомонӣ аст, вале сокинони пойтахт аз он шикоят мекунанд, ки онро ба осонӣ ба даст оварда наметавонанд.

Солҳои қабл дар автобус ва троллейбусҳои шаҳр низоми пардохти роҳкиро тариқи нақдӣ буд, вале солҳои охир низоми кортҳои пластикӣ дар шаҳр амал мекунад. Вале дар ин самт мушкилиҳо хеле зиёд ба назар мерасанд. Барои пур кардани тавозуни Citycard мардум ба мушкилиҳои зиёде дучор мегарданд. Арзиши корти пластикӣ танҳо 10 сомонӣ аст, вале онро наметавон ба осонӣ дарёфт кард...

Дилнура сокини пойтахт ва ҳамзамон донишҷӯй аст. Ӯ мегӯяд: "Ман ҳар субҳ тариқи нақлиёти ҷамъиятӣ ба донишгоҳ меравам. Вақтҳои охир истифодаи кортҳои пластикӣ бароям мушкилӣ пеш меорад. Корти пластикии ман маблағи муайян дорад, вале чанд муддат боз вақте аз он истифода карданӣ мешавам, "корти номувофиқ" мебарорад. Ба маъулини Citycard занг задам. Онҳо гуфтанд, ки як маротибаи дигар корти худро ба терминали Express Pay гузоред, он фаъол мегардад, вале он дигарбора фаъол нашуд".

Сокинон дар ин маврид зиёд шикоят мекунанд, вале масъулини кортҳои пластикии пойтахт нисбати ин шикоятҳо бетаваҷҷуҳанд. Мушкили дигар камёфт будани корт аст.

Қаблан, дар истгоҳҳои пойтахт нуқтаи фурӯши кортҳои пластикӣ буд, ки ҳоло ба назар намерасад.

Мавҷуда, сокини дигари пойтахт мегӯяд, ки барои харидани корти пластикии нақлиётӣ ба терминали Express Pay маблағ ворид карда, вале кортро нагирифтааст. "Дар истгоҳи марказии "Тоҷикистон" 100 сомонӣ маблағ ворид кардам, ҳам барои харидани корти пластикӣ ва ҳам барои пур кардани суратҳисоб. Вале баъди қабули маблағ ва интизориҳои зиёд мутаассифона, соҳиби корти нақлиётии пластикӣ нагаштам",- мегӯяд ӯ.

Имрӯзҳо чунин шикояти сокинон зиёд ба назар мерасад. Ҳамчунин, сокинон аз он шикоят мекунанд, ки шахсони масъул ва операторон ба эроду шикояти онҳо ба зудӣ расидагӣ намекунанд.

У. ҚУТБИДДИНЗОДА

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ОМӮЗИШ

► Дарси математика барои хонандагони синфҳои болой. Тел: 98-745-18-78.

НИЁЗ ДОРЕМ

► Корхонаи патхтакории шаҳри Кӯлоб (Восеъ) ба иқтисодчӣ, агроном, инженер-механики дорои тачрибаи корӣ ниёз дорад. Суроғаи электронӣ: L.Kalandarova@btcgroup.ru. Тел: 555-006-001, 555-006-005.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Насби антенаи параболӣ + навсозии канал. Тел: 918-79-05-65, 93-440-93-03, 886-886-181.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти Л.1А1/хх, Л5А1/хп, таҳти феҳрести №9ш-805-и гумшуда, ки онро нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Пахтакор, хонаи 27 19-уми феврали соли 2021 ба Сангакова Гулчаҳон додааст, беэътибор дониста швад.

► Шаҳодатномаи №1466-и гумшуда, ки онро Ташкилоти ҷамъиятии "Сипарони Ватан" 04.01 соли 2016 ба Эшназаров Илҳомжон Маҳмудович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №010804-и гумшуда, ки онро Ташкилоти ҷамъиятии "Сипарони Ватан" соли 2022 ба Салимов Лоиқ Кабутович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ҳаштуми №307188-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №76-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1982 ба Джураева Муҳаббат Мухидиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Искандарзода Суҳроб Зуҳуриддин додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Делои инвертарӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Сурхоб 189 ба номи Икромов Шария бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.



Зодрӯз муборак!

Давлатзода Беҳзодҷон 10-сола мешавад. Ба ту умри дароз, тани сиҳат, дар хонишат баҳои хубу аъло, дар зиндагият бурдбориҳо орзумандем.

Ҳар чӣ мақсуди дилат бошад, диҳад парвардигор,
Гар ту як бошӣ, Худо бидҳад ҳазору сад ҳазор.

Аз номи бобоҳояш Музаффаров Абдулло ва Давлатов Нусратулло, бибиҳояш Раҳимова Ҳадиса ва Давлатова Сайлигул, падару модараш Меҳроҷ ва Руқиябону

С днём рождения!

Наша милая апаи Шоира, поздравляем Вас с днём рождения! Желаем, чтобы вся жизнь была полна радости, счастья и здоровья.

От Саломат и Шукрия



► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Якка-Чинор, хонаи 142/3, ҳуҷраи 2 ба номи Абдуллоева Робия Саиалиевна бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Аблакулов Эркин Акбарович, РЯМ: 0130124115, РМА: 015747965, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии Дараҷаи А №0048264, аз 20-уми марти соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Ховарон, гузари 15, хонаи 437 ба номи Асадуллоева Нигина Абдукаримовна бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести Д-200 аз 12.07 соли 1973, ки онро Идораи якуми шаҳри Душанбе ва Дубликати он таҳти рақами 34 аз 03.02 соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Саҳбо, хонаи 510 ба Сафаров Абдухалим Мирзоевич додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Каримов Абдураҳим Усмонович, РЯМ: 0330106178, ки онро нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ 12.12 соли 2010 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДХМ №0002426 бо рақами қайди №548-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ 18-уми июли соли 2019 ба Изатулло Адбулҳаким додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ба моликият даровардани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираи дар хонаи навбунёдшуда таҳти феҳрести №1Ш-235-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлтии ҶТ 13-уми феврали соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 46, ҳуҷраи 9 ба ҶДММ "Сарманзил" додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АО №001152-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Сино соли таҳсили 1993-1994 ба Уракова Савринисо Музафаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Муҳри соҳибкори инфиродӣ ба номи Саидова Зулфия Балажановна, РЯМ: 0230074497, РМА: 025320016, санаи додан соли 2020, аз сабаби аз соҳибкорӣ ба ҶДММ гузаштан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, блоки 1 ба номи Ҳафизов Изатулло Неъматович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0187574 бо рақами қайди 1322-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор соли 2020 ба Мирова Нигора Асатуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ №043731-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Сино соли таҳсили 1999-2000 ба Файзуллоева Бунафша додааст, беэътибор дониста шавад.

► Гувоҳномаи №1249 РМА: 040023295, соли додан 2007, оинномаи ташкилоти ҷамъиятии "Кумитаи волидайн ва омӯзгорони мактаби таҳсилоти умумии №38"-и ноҳияи Сино ва бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо рақами қайди ИҶ 153, аз 14-уми сентябри соли 2007 ва №0012327, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Набиев Мустафо Холмуродович, РМА: 255010028, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур соли 2013 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҷобиров Шариф Ғуломович, РЯМ: 0331323035, РМА: 195178888, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми БР №065952-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ба номи А. С. Макаренкои ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати деҳоти Боғистон соли 1984 ба Содиқова Матлюба Сайфуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2020 ба Суфиев Дилшод Рустамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми таҳти силсилаи БП №8-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Сино соли 1976 ба Холиқова Муродой Мавлоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0075501-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2007 ба Нуриддинов Ҳасан Салимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Деҳи боло 61 ба номи Мандалов Тагаймурод Наимович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ғайридавлатӣ, курси 3-юми факултаи кори ҳамширагии шабонаи ноҳияи Рӯдакӣ ба Сафарова Мукарама додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0959608-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2021 ба Муҳаммадсодиқи Зубайдулло додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АҚ№481743-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1990 ба Атауллаева Насиба Халимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1285533-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2021 ба Шадьев Алиҷон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Завқибеков Иқбол Гурмиджевич, РЯМ: 0230042469, РМА: 025183018,ки онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ 17.06 соли 2013 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ литери 3-1/х таҳти феҳрести 1Ш-627-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии ноҳияи Рӯдакӣ 14.07 соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Деҳконобод ба номи Умарова Анорхон ва Умаров Гани Фазылович додааст ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи дар боло зикршуда, беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрести 1Ш-72-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 24.01 соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Адхамов, хонаи 5, ҳуҷраи 20 ба Плясунова Любовь Илларионовна додааст ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи дар боло зикршуда, беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми №0635521-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Фирдавсӣ 15.06 соли 2011 ба Маҳинабонуи Орзухуҷа додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №041279-и гумшуда, ки онро Политехникуми техникии шаҳри Душанбе соли 1988 ба М. Хамаюн Абиди додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 8Д-1467-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 07.04 соли 2006 бо суроғаи гузаргоҳи якуми кӯчаи Ғафуров, хонаи 8, ҳуҷраи 7 ба Мавлянова Азизабону Абдуллоджоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Граф Полиграф", РЯМ: 0410003275, РМА: 0400021376 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Пилтан", РМА: 0300028316, РЯМ: 0310017015 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

Тақвими моҳона



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта бо ҳама забон ёфтанатон осон мегардад, вале ин маънои онро надорад, ки вақти пурқиммати худро беҳуда сарф намоед. Дар ҷодаи муҳаббат ба меҳрубониву ғамхорӣ ниёз доред. Ба саломатии мушакҳо ва дарди миён диққати ҷиддӣ диҳед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар давоми ҳафта баъзеҳо шуморо ба ғазаб оварда, фиреб кардан мехоҳанд. Худро ба даст гиреду дурандешона амал намоед. Асабонияти зиёд миёни ошиқон дилсардӣ меорад. Шумо ба истироҳат ниёз доред, бояд нерӯи худро барқарор созед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ягона чизе, ки садди роҳи пешравиҳоятон мегардад, ин шармгинӣ аст. Ба қувваи худ бовар кунед, он гоҳ мушкилиҳо осон мешаванд. Дар муносибатҳои заношавҳарӣ дилгармиву дилбастагӣ дида мешавад. Хурӯҷ намудани дарди дандон дар назар аст.



Саратон
22.06 - 23.07

Чанд муддат аз атрофиён дур будану ба худ бештар диққат доданатон лозим меояд. Мушкилӣ дар он аст, ки некии асилро аз дурӯягӣ фарқ карда наметавонед. Нафарони муҷарраде, ки ба наздикӣ барои худ ёри муносиб пайдо намудаанд, аз интихоби худ пушаймон мешаванд.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафта орому бе хабарҳои ногувор сипарӣ мегардад. Рӯзҳои истироҳат мушкилоти зиёди молиявиро рафъ сохтанатон лозим меояд. Дӯстдоштаатон волаву шайдои шумо мегардад. Маҳси пой хастагии ҷамъшударо рафъ ва гардиши хунро беҳтар месозад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Қабл аз он, ки аз пайи коре мешавед, корҳои қаблан нотамоми худро ба охир расонед, вагарна ҳама коратон нимкора монда, сарҳисоби худро гум мекунеду дар ҳоли ногувор мемонед. Дар ҳаёти шахсиятон тағйироти назаррас рух медиҳад.



Мизон
25.09 - 22.10

Имкони беҳтар сохтани обрӯву нуфузи худро пайдо месозед. Аксари зодагони мучали мизон дар касбу кор муваффақ мегарданд. Дар муносибат бо наздикон нофаҳмӣ сар мезанад. Ба дӯстдоштаи худ гузашт накарданатон боиси муноқишаву нофаҳмӣ мегардад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳодисаҳои зиёде, ки дар ин ҳафта сар мезананд, вақти зиёдатонро мегиранд, барои корҳои банақшагирифта вақт намеёбед. Муносибат бо ҳамсафари ҳаётӣ ё шахси дӯстдоштаатон душвор мегардад. Камбудиҳои оилавӣ боиси хароҷоти ногаҳонӣ мегарданд.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта бо умеди аз тахти дил кор намудан ба ғалат рох медиҳед. Муҳим он аст, ки қонуну қоидаҳои худро ба сари дигарон бор накунед. Боварӣ ба шарики корӣ шуморо аз моҷарое, ки бо сабабҳои ночиз сар мезанад, эмин нигоҳ медорад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Ҳафтаи нав дар ҷараёни расидан ба зинаҳои нави касбу кор нақши созанда дорад. Бо вуҷуди он, ки аллакай тирамоҳ фаро расидааст, дар дили шумо баҳор ҳукмфармо аст. Давраи мусоид аст барои расидан ба ҳадаф ва ба даст овардани маблағи хуб.



Далв
21.01 - 19.02

Яку якбора бо чанд кор машғул шуданатон лозим меояд. Эҳтимоли бурд кардану тағйироти ногаҳонӣ вуҷуд дорад. Сафари роҳи дурро ба таъхир гузоред, он бебарор анҷом меёбад. Шиносоии нав сараввал сабаби дӯстӣ ва баъдан боиси ба ҳам наздик шуданатон мегардад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафтаи ором аст. Ба некӣ бо некӣ ҷавоб диҳед, дилсофу поквиҷдон бошед ва ба макру ҳилла роҳ надиҳед. Ба дастгирии дӯстон ниёз пайдо мекунед. Рафтори ногаҳонии ҳамсафари ҳаётӣ ё дӯстдоштаатон боиси нофаҳмиву дилсардӣ мегардад.



ҲАРОРАТИ БАЛАНДИ КӮДАК

АЗ ВАРАМИ МАҒЗИ САР ТО ТАВСИЯ БА ВОЛИДОН

Ҳама гуна бемориҳои илитиҳобӣ бавуҷудоварандаи ҳарорати бадан мебошанд. Ҳарорати бадан аксуламали организм буда, дар вақти афтодани микроб ва вирусҳои беруна ба организм ба вуҷуд меояд.

Ҳарорати бадан дар организми инсон вазифаи муҳофизатиро иҷро мекунад. Дар аввал ин аксуламал шахсро суст карда, ҳатто чашмонашро кушода наметавонад, вазнинӣ ва дарди сахти сарро ҳис мекунад. Ҳарорати баланд кӯдакони то яксоларо асабӣ, кори рӯдаҳоро вайрон карда, заҳролудшавии умумии организм ба вуҷуд меояд, ки он бештар ба он хотир хатар дорад, ки кӯдакро ба судоргий ва варами мағзи сар оварда мерасонад.

Волидон бояд чунин амалҳоро ҳангоми баланд будани ҳарорати бадан ба кӯдак расонида тавонанд:

1. Агар ҳарорат аз 37,5 - 38,0 боло набошад, метавонед аз доруву ҳабҳо истифода набаред. Нӯшонидани нӯшокии зиёд кӯдакро аз ин ҳолат мебарорад.

2. Агар кӯдак баъди ҳарорати баланд дар ҳолати судоргий қарор гирад, ҳарчи зудтар паст кардани ҳарорат лозим аст.

3. Дар ҳама ҳолат ва намуди ҳарорат кӯдак ба нӯшокии зиёд эҳтиёҷ дорад (оби ҷӯшонидашуда, шарбат, чой, маҳлулҳои физиологӣ (регедрон). Дар ин ҳолат нӯшонидани шир, чочак, оби гӯшт мумкин нест, зеро ин нӯшокиҳо ба қайкунӣ, дарди шикам ва дарунравӣ меоранд. Меъёри нӯшокӣ дар як кило вазни кӯдак 10 мл рост меояд. То ҳарорат ба 37 расидан нӯшонидан лозим аст.

4. Вақте ҳарорат аз 38 боло бошад, метавонед аз хунукгузорӣ истифода намоед. Додани ҳабҳои зидди ҳарорат-баландӣ низ айни муддаост. Аз ҳама роҳи осон кӯдакро аз либос озод карда, бо маҳлули спирт ё спирти бо об омехташуда, ҳангоми набудани маҳлули спирт, обу сиркоро баробар омехта карда, истифода бурдан лозим аст. Агар сирко ҳам набошад, оби ҷӯшонидашудаи ширгарм шакидан лозим аст. Гузоштани латтаи тар дар пешонӣ низ як роҳи паст кардани ҳарорати кӯдак мебошад.

5. Агар сар ва танаи кӯдак гарм бошаду дасту пойҳояш хунук, дар ин ҳолат кашишхӯрии мушакҳо ба вуҷуд меояд. Дар ин вақт бояд кашишхӯриро аз байн бурд. Чӣ тавр? Аввал дасту пойҳои хунукшударо гарм кардан ва додани ҳабҳои но-шпа ва ё папаверин вобаста ба синну сол тавсия дода мешавад. Пас аз гарм шудан, метавонем бо усули физикӣ (кашидани либос) паст кардани ҳароратро истифода барем.

6. Ҳабҳои ҳароратпасткунанда ва зиддиилтиҳобиеро, ки махсус барои истеъмоли кӯдакон равона шудаанд, тавсия медиҳем. Вақте ки ҳабҳо таъсир нарасонанд, метавонед аз сироп ва агар сироп ҳам таъсир накард, аз шамъдоруҳо бар зидди ҳарорат, аз ҷумла панадол, нурафен, сефекон аз рӯдаи қафо истифода баред. Баъди ҳамаи ин амалҳоятон ҳарорат бетағйир боқӣ монад, ба духтур мурочиат кунед.

Лозим ба ёдоварист, ки солҳои пеш бибию бобоҳои мо ҳангоми тафси баланд ба кӯдакон ҳаби аспиринро тавсия медоданд. Дар хотир дошта бошед, ки ин дору барои паст кардани ҳарорат ва сироятёбӣ ба кӯдакони то синни 18-сола манъ карда шудааст.

ЧОЙКАҲАК - ДАВОИ ДАРДИ ГУРДА

Вақтҳои охир гурдаҳоям каме дард мекунанд. Пешгирӣ беҳтар аз табобат мегӯянд. Дарди гурда табобати мардумӣ ҳам дорад?

ФАРИДУН, сокини ноҳияи Шаҳринав.

Посухи доктор Садриддиншоҳи Насриддиншоҳ:

- Илтиҳоби гурда бар асари гузаштани микробҳо аз узвҳои ҳампаҳлу, хоса аз рӯда ба гурдаҳо сар мезанад. Микробҳо дар гурда таҳшин мешаванд ва дар ҷое, ки микроб ҷой мегирад, газак ба вуҷуд меояд. Илтиҳоб, яъне пиелонефритро сари вақт табобат накунанд, беморӣ кухна шуда, метавонад касро ба оқибатҳои ногувор, аз ҷумла ба норасоии гурда мубтало созад.

Якчанд гиёҳҳое мавҷуданд, ки иллатҳои гурдаро даво мебахшанд. Аз ҷумла гиёҳи ҳамешабаҳор (календула), чойкаҳак (зверабой), мармарак (шалфей), риш ё пӯпаки ҷуворӣ, раҳдавак, тухми зағир, ҷағ-ҷағ барои гурда доруи бебаҳоянд. Ду-се номгӯйи ин гиёҳҳоро аз дорухонаҳо дастрас намуда, дар ним литр оби ҷӯшомада дам партоеду баъдан аз дока полонда, ҳар рӯз се маротиба пеш аз хӯрок тақрибан 50-граммӣ бинӯшед, газаки гурдаро даво мебахшад.



ЯК ПЕШГӮЙИИ ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

Дар суҳбат бо набераи шоир Муқаддамахон Икромова



Муҷассамаи Нақибхони Туғрал дар деҳаи Зосуни ноҳияи Айнӣ

Шаҳри Хуҷанд. Хиёбони Исмоили Сомонӣ. Аз зани роҳгузар пурсидам: “Хонаи Муқаддамахон Икромоваро медонед?”. Зани нуронӣ бо чеҳраи кушода гуфт: “Бале, он кас набераи Туғрали Аҳрорӣ, аз авлоди Хоҷа Аҳрори Валӣ…” ва суроғаро нишон дод.

Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти охири асри 19 ва аввали асри 20 аст. Ӯро охирин намояндаи адабиёти классикӣ низ меноманд. Ӯ дар шеъргӯйӣ пайравӣ Мирзо Бедил буд. Туғрал солҳои 1918-1919 ҳамроҳи аскарони сурхи Шӯравӣ дар чандин задухӯрдҳои хунини алайҳи босмачиёну аксулинқилобиёни болооби Зарафшон бевосита иштирок намуда, вале тарафи душманону бадхоҳонаш ба туҳмати ноҳақ гирифтораш карданд ва 28-уми июни соли 1919 аз тарафи Аскарони Сурх ба қатл расонида шуд. Мазораш дар зодгоҳаш - деҳаи Зосуни ноҳияи Айнӣ зиёратгоҳи ҳазорон нафар алоқамандони ашъораш аст.

Аз Туғрали Аҳрорӣ фақат як духтар - Муқаддарахон нишона монду халос. Қаҳрамони имрӯзаи мо Муқаддамахон духтари Муқаддарахон, яъне набераи бевоситаи Нақибхони Туғрал аст.

Ин зани нуронӣ бо чеҳраи кушод моро пешвоз гирифт ва вақте фаҳмид, ки аз “Тоҷикистон” ба аёдаташ омадаем, моро ба хона даъват кард.

Муқаддамахон Икромова соли 1944 дар ноҳияи Айнӣ таваллуд шуда, имсол 78-солагиашро ҷашн мегирад. Муқаддамахон соли 1961 мактаби №8-и деҳаи Зосунро, ки номи бобояшро дорад, хатм карда, барои идомаи таҳсил ба Ленинобод меояд. Ба факултаи химия ва биологияи Институти педагогии Ленинобод шомил шуда, соли 1966 таҳсилро ба анҷом мерасонад. Баъдан, ба зодгоҳаш баргашта, ҳамчун омӯзгор дар мактаби деҳа кор мекунад.



Муқаддамахон Икромова, набераи Нақибхони Туғрал

“Соли 1969 маро ба ҳайси раиси Комитрояи исполкоми райони Айнӣ ҳамчун депутат интихоб карданд. 26-уми октябри соли 1975 бошад, мудири шуъбаи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии вилояти Ленинобод таъйин шуда, ба шаҳри Хуҷанд рафтам ва то соли 1983 дар ин вазифа кор кардам”,- мегӯяд муаллима Муқаддамахон Икромова.

Ҳамин тавр, сарнавишти ӯ ба шаҳри Хуҷанд мепайвандад. Фарзандонаш Зафар ва Мунаввара, ки худро боифтихор аберагони Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ муаррифӣ мекунанд, дар ҳамин шаҳр ба воя расиданд. Имрӯз Зафар дар МИҲД-и шаҳри Хуҷанд фаъолият дораду Мунавварахон дар Русия соҳибкор аст. Худи муаллима гарчанде ба нафақа баромада бошад ҳам, то ҳол дар ҳама корҳои ҷамъиятиву чорабиниҳои вилоят ва шаҳр фаъолона иштирок мекунад.

“Ман нишоне аз ягона духтари бобоям Муқаддарахон ҳастам”,- мегӯяд муаллима Муқаддамахон Икромова ва китоберо аз ҷевон гирифта, ба ман нишон медиҳад. Ин китоб “Туғрал аз табори Хоҷа Аҳрор” ном дорад, ки онро соли 2016 Баҳодурхони Ниёз таълиф кардааст.

“Дар ин китоб як силсила аксҳои пайвандонамон, ки давомдиҳандаи насли бобоям ҳастанд, ҷой дода шудааст. Бобоям як духтар доштанд, яъне модарам, вале модарам соҳиби 7 фарзанд шуданд, ки акси ҳама дар ин китоб ҳаст. Суханшиносону хонандагон аз он истифода мебаранд”,- мегӯяд ҳамсуҳбатамон ва як-як варақҳои китобро гардонида, аксҳоро нишон медиҳад: “Ин акси модарам, Муқаддарахон, инҳо хоҳаронам Муаттарахон ва Мусадасхон, ин кас бошад, бародарам Саидбурҳон...”.

- Модаратон дар бораи бобоятон чӣ нақлҳо мекарданд?,- суол мекунем аз муаллима.

- Аввал бояд бигӯям, ки модарам зани порсову меҳрубон буданд. Мо фарзандонро хуб тарбия карда, ҳамаамонро соҳиби маълумот карданд. Вақте бобоямро соли 1919 ба қатл мерасонанд, он вақт модарам 6-моҳа будаанд. Бинобар ин, падарашонро ёд надоранд. Вале ман бештари нақлу ривоятҳоро аз модаркалонам Муҳаррамхон - ҳамсари Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ шунидаам. Эшон дар бораи шавҳарашон бо муҳаббат сухан мекарданд. Аз эшон ба сифати як инсони озодаву хушахлоқ ва донишманду закӣ ёдовар мешуданд. Ҳатто он касро валӣ мегуфтанд. Дар ин маврид як воқеаи аҷибро низ нақл карда буданд. Нақл карданд, ки вақте модарам ба дунё меоянд, бобоям он касро Муқаддарахон ном мегузоранд. Бародарашон Мансурхон суол мекунанд, ки чаро ин номро интихоб кардед? Он кас гуфтаанд, ки дар муқаддароти ман танҳо як фарзанд навишта шудааст...

Муқаддамахон Икромова аз он шукргузор аст, ки ном ва эҷодиёти падарбузургаш дубора эҳё шуд ва мардуми тоҷик эҷодиёти Нақибхон Туғралро мехонанд ва ин шоири бузургро дӯст медоранд.

“Хурсандии ман аз он аст, ки 18-уми сентябри соли 2015 Маҷмааи шоир Нақибхон Туғрал дар деҳаи Зосуни ноҳияи Айнӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуд, ки дар расми ифтитоҳи он мо пайвандони шоир низ иштирок доштем. Имрӯз дар деҳаи Зосун ҳавлии бобоям мавҷуд аст, ки дар он хоҳари калониам Муаттарахон зиндагӣ мекунанд. Як қисмати ҳавлӣ осорхона аст, ки ҳар сол садҳо нафар сайёҳон аз он дидан мекунанд. Худи Муаттарахон бевосита сайёҳонро пешвоз мегиранд”,- мегӯяд Муқаддамахон Икромова.



Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА, “Тоҷикистон”

Тақвими ТОҶИКИСТОН

29-УМИ СЕНТЯБР

ГУЛАҲМАД ГУЛМАҲМАДОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

АЛЕКСАНДР ХРАМЧЕНКО (1912-1998), 110-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Тоҷикистон.

30-ЮМИ СЕНТЯБР

ТОҲИРҶОН САТТОРОВ (1974), 75-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

ЮРИЙ МАСЛЯКОВ (1937-2012), 85-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

1-УМИ ОКТЯБР

ЭРГАШАЛӢ ШОДИЕВ (1932-2005), 90-солагии зодрӯзи адабиётшиноси ӯзбек, доктори илми филологӣ, профессор.

ЮСУФҶОН АКОБИРОВ (1937-2011), 85-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

БЕКМУРОД СИЯЕВ (1932-2004), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

САЙДАМИР РОЗИҚОВ (1957-2009), 65-солагии зодрӯзи генерал-майор.

САФАР ХОЛИҚОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи кимиё.

2-ЮМИ ОКТЯБР

ШУКРУЛЛО ОРИФОВ (1927-1995), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, олими соҳаи филологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ҲУСАЙН ҶУМАЕВ (1947-2011), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, Корманди шоистаи илми ҷумҳурӣ.

ДУСТНАЗАР ШЕРМАТОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

ТУРСУНБОЙ ШУКУРОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

3-ЮМИ ОКТЯБР

РУСТАМ МАҲМАДҶОНОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи наворбардори кино, Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон.

ФОЗИЛ АБДУЛЛОЕВ (1952), 70-солагии зодрӯзи адиб.

4-УМИ ОКТБЯР

БЕЛЛА ВОВСИ (1922), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

АМИР ОЛИМОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия, хизматчии давлатӣ.

БОРИС ЛИ (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи техникӣ.

5-УМИ ОКТЯБР

ОБЛОҚУЛ БОЗОРОВ (1932), 90-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН (1952), 70-солагии зодрӯзи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Арбоби барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, Президенти амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Анҷумани форсизабонони ҷаҳон, Қаҳрамони Тоҷикистон.

САИДМУҲАММАД ОДИНАЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илми физикаю математика, профессор, академик.

ФУРҚАТИ САИД (1967), 55-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

ҚУРБОН ШАРИФОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ФУТБОЛ

ТОҶИКИСТОН БАРАНДАИ ҶОМИ KING'S CUP 2022 ШУД

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалии «King's Cup 2022», ки мавсими 48-уми он баргузор гардид, ширкат кард ва баранда шуд.



Мусобиқаи байналмилалии «King's Cup 2022», ки ҷоми шоҳи Тайланд аст, дар шаҳри Чиангмай аз 22 то 25-уми сентябр бо иштироки чор даста гузаронида шуд. Дастаҳои мунтахаби Тайланд, Тоҷикистон, Малайзия, Тринидад ва Тобаго барои ба даст овардани ҷом мубориза бурданд.

Мусобиқа аз нимфинал оғоз шуд, ки дастаи мунтахаби Тоҷикистон 22-юми сентябр бар дастаи Тринидад Тобаго бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд. Голҳоро дар ҳайати Тоҷикистон Муҳаммадҷон Раҳимов ва Эҳсони Панҷшанбе заданд. Дар бозии дигари ин давр Малайзия бар тими Тайланд дар заданӣ пенальтӣ ғалаба кард - 5:3.

Дар финал дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо тими миллии Малайзия рақобат кард. Вақти асосии вохӯрӣ мусовӣ - 0:0 анҷом ёфт. Дар силсилазарбаҳои ёздаҳметра шогирдони мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт маҳорати баланд нишон дода, бо ҳисоби 3:0 пирӯзӣ ба даст оварданд. Дарвозабони Тоҷикистон Рустам Ятимов ду пеналтиро баргардонд ва бозигари беҳтарини финал донista шуд.

Ҳамин тавр, дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар аввалин иштирокаш дар "King's Cup" соҳиби ҷом шуд.

Дар бозӣ барои ҷойи сеюм Тайланд Тринидад ва Тобагоро бо ҳисоби 2:1 шикаст дод.

ВАРЗИШИ САБУК

8 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ САМАРҚАНД

Аз 23 то 25-уми сентябр дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Чемпионати кушоди варзиши сабуки Осиёи Марказӣ баргузор шуд, ки дар он варзишгарони тоҷик 8 медал (3 тило, 2 нуқра, 3 биринҷӣ) ба даст оварданд.

Дар мусобиқа беш аз 300 варзишгар аз 9 кишвар иштирок карданд. Дастаи мунтахаби варзиши сабуки Тоҷикистон иборат аз 15 нафар, бо роҳбарии сармураббӣ Ғайрат Неъматов, ба Самарқанд сафарбар гардиданд.

Дар дав ба масофаи 200 метр миёни мардҳо се ҷойи ифтихориро варзишгарони Тоҷикистон сазовор шуданд. Фаворис Музрапов бо натиҷаи 21.75 сония ҷойи аввал, Илдар Аҳмадиев бо натиҷаи 21.97 сония ҷойи дуюм ва Александр Пронженко бо натиҷаи 22.17 сония ҷойи сеюмро гирифтанд.

Илдар Аҳмадиев дар ҷаҳиш ба дарозӣ бо натиҷаи 7.73 метр ва тими мардонаи Тоҷикистон дар эстафетаи 4х100 метр бо натиҷаи 41.50 медали тило ба даст оварданд.

Леонид Пронженко дар дав ба масофаи 110 метр бо монеа бо натиҷаи 15.29 медали нуқра, тими мардонаи Тоҷикистон дар эстафетаи 4х400 метр бо натиҷаи 3:20.42, инчунин Зуҳуршоҳи Наҷмиддин дар дав ба масофаи 3000 метр бо монеаҳо бо натиҷаи 9:44.32 медали биринҷӣ гирифтанд.



ФУТЗАЛ

ЛИГАИ ФУТЗАЛ ҶОМИ ТОҶИКИСТОНРО БАРГУЗОР МЕКУНАД

Лигаи футзали Тоҷикистон дар нақша дорад, ки Ҷоми Тоҷикистон-2022-ро баргузор кунад. Ин мусобиқа 5-уми октябр оғоз хоҳад шуд.

Ба ғайр аз дастаҳои Суперлигаи футзали Тоҷикистон дигар дастаҳои ҳаваскор низ метавонанд дар Ҷоми футзали Тоҷикистон ширкат кунанд. Ҷоизаи мусобиқа 10 ҳазор сомонӣ муайян шудааст, ки барои дастаи ғолиб 7 ҳазор сомонӣ ва дастаи ҷойи дуюм 3 ҳазор сомонӣ дода мешавад.

Дар Суперлигаи футзали Тоҷикистон бозиҳо ҳанӯз ба анҷом нарасидаанд. Бо далели ширкати дастаи мунтахаб дар Ҷоми Осиё дар чемпионат танаффус эълон шудааст. Ҳоло дастаҳо 13 давр бозӣ кардаанд. Дар ин мавсим дар мусобиқа дастаҳои «Соро компания», «Истиқлол», «Пойтахт», КМВА (ҳама аз Душанбе), «Сипар» (Хуҷанд), «Истаравшан» (Истаравшан), «Равшан» (Кӯлоб), «Самандар» (Турсунзода) ширкат доранд.

Баъд аз 13 давр дастаи «Истиқлол» бо 32 имтиёз дар ҷойи аввал аст. Зинаҳои дуюму сеюмро бо 31 имтиёз «Сипар» ва «Соро компания» соҳиб шудаанд.

ҶОМИ ОСИЁ

ПИРӮЗИИ ТОҶИКИСТОН БАР БАҲРАЙН ДАР БОЗИИ АВВАЛ

Аз 27-уми сентябр то 8-уми октябр дар кишвари Кувайт бозиҳои марҳилаи ниҳоии Ҷоми футзали Осиё оид ба футзал баргузор мегардад. Дар ин мусобиқаи сатҳи баланд дастаҳои мунтахаби 16 кишвар ширкат меварзанд.

Дастаҳо ба чор гуруҳ ҷудо шудаанд, ки ду дастаи беҳтарин аз ҳар гуруҳ ба даври плей-офф роҳ меёбанд.

Чемпионати футзали Осиё дар Кувайт бо бозии дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон ва Туркманистон оғоз шуд. Даврон Чориев аз ҳайати дастаи мунтахаби Ӯзбекистон дар дақиқаи 5-уми бозӣ ба дарвозаи дастаи мунтахаби Туркманистон гол зад, ки голи аввалини Чемпионати Осиё-2022 гардид. Ин бозӣ бо натчиаи 8:0 бар нафъи Ӯзбекистон ба охир расид. Дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон ва Туркманистон шомили гуруҳи «В» мебошанд, ки дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон ва Баҳрайн бо ин дастаҳо дар як гуруҳ қарор доранд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар бозии аввалаш бо дастаи Баҳрайн бозӣ кард. Бозӣ бо натиҷаи 3:4 бар нафъи Тоҷикистон ба анҷом расид. Голҳои дастаи Тоҷикистонро Умед Қузиев, Бахтиёр Солиев, Файзалӣ Сардоров ва Идрис Ёров заданд.

14 ГОЛИ БЕҶАВОБИ «ҲОСИЛОТ» БА ДАРВОЗАИ «ВАҲДАТ»

Даври 18-уми чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи якум ғайри чанд бозӣ ягон тағйироте дар мавқеҳои дастаҳо ба вуҷуд наовард, вале бозиҳои диданӣ дошт.

Серголтарин бозии давр - ин рақобати дастаҳои "Ҳосилот" ва "Вахдат" буд, ки бо ҳисоби (14:0) бар нафъи дастаи ноҳияи Фархор анҷом ёфт. Ҳамчунин, дастаи "Баркчӣ" дар майдони худ ба дарвозаи дастаи "Гулистон" панҷ голи бечавоб зад. Дар ҷадвали мусобиқа баъди даври 18-ум ягон тағйирот ба вуҷуд наомадааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки аксарияти дастаҳо чанд бозии мавқуфмонда доранд.



Дастаи "Куктош" феълан бо 45 имтиёз дар садри ҷадвал аст ва дастаи "Ҳосилот" низ дар ин сабқат имкони гирифтани роҳхати Лигаи олиро барои худ таъмин сохтааст, ки онҳо бо 44 имтиёз дар мавқеи дуюми ҷадвал қарор гирифтаанд.

Бозиҳои дигари даври 18-уми чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи якум ба таври зайл сурат гирифтанд: Гулистон - Баркчӣ - 0:5, Сарҳадчӣ - Ҳулбук - 2:3, Куктош - Панҷшер - 1:0, Душанбе - Динамо - 0:4, Вахдат - Ҳосилот - 0:14, Моҳир - Саройкамар - 1:2.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ШАКАРХАНД

Рӯзахӯр

Нафаре дар шаҳр рӯзаашро мехӯрд. Пулис ӯро ба назди қозӣ овард, аммо дид, ки худи қозӣ кабоб хӯрда истодааст.

Қозӣ пурсид:

- Ин нафар чӣ гуноҳ кардааст?

Пулис гуфт:

- Ин нафар дар шаҳр нони қоқ мехӯрд, овардамаш, ки бо шумо кабоб бихӯрад!

Зоғ

Марде аз писараш мепурсад:

- Бачем, зоғ хабар овард, ки ту сигор мекашӣ.

Бача дар ҷавоб:

- Узр дада, аммо шумо чӣ мекашед, ки бо зоғ гап мезанед?

Маҷлис

Писарбача ба волидонаш мегӯяд:

- Пагоҳ дар мактаб маҷлиси падару модарон будааст. Муаллима гуфтанд, ки падарат шиносномаашро биёрад.

Модар ҳайрон шуда, мепурсад:

- Шиноснома барои чӣ?

Падар мегӯяд:

- Аз афташ дарҳол аз бонк қарз мегирем.

Роҳкиро

Ҷавоне ҳангоми аз автобус фаромадан ба пулчинак мегӯяд:

- Ако, ман роҳпулӣ надорам.

Пулчинак ба ғазаб омада, ҷавонро як лагад мезанад. Ҷавон аз пулчинак хоҳиш мекунад, ки як лагади дигар ҳам занад. Пулчинак дар сари қаҳр ӯро боз як лагади дигар мезанад. Ин дам ҷавон ба даруни автобус нигоҳ карда, мегӯяд:

- Гулӣ, ман роҳкирои туро ҳам додам.

Парол

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Ман намефаҳмам, ки пароли ноутбуки маро чӣ гуна шикастаанд...

Рафиқаш мепурсад:

- Паролат чӣ буд?

Мард мегӯяд:

- Соли канонизатсия шудани Доминики муқаддас аз ҷониби Григорий IX.

Рафиқаш ҳайрон шуда, мепурсад:

- Кадом сол аст?

Мард мегӯяд:

- 1234.

Мошин

Нозири роҳ мошинеро манъ карда, аз ронандааш мепурсад:

- Мошини худатон аст?

Мард дар ҷавоб:

- Қисман.

Нозир ҳайрон шуда, мепурсад:


- Чӣ хел қисман?

Ронанда мегӯяд:

- Мошин ба номи занам аст, вале онро писарам меронад, баъзан духтарам низ аз шаҳр берун сафар мекунад. Лекин агар вайрон шавад, он аз ман аст!

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

НБО “РОҒУН” КОРГАР МЕҶӮЯД?

Аз шабакаҳои иҷтимоӣ хабар ёфтам, ки НБО “Роғун” коргар меҷӯяд. Мехостам донам, ки ин сохтмони азими аср ба мутахассисони кадом соҳа ниёз дорад?

САИДБУРҲОН, сокини ноҳияи Айнӣ

Воқеан, санаи 27-уми сентябр дар гулгашти хиёбони Рӯдакӣ дар назди Маркази савдои “Садбарг”-и шаҳри Душанбе ярмаркаи вазифаҳои озод баргузор гардид, ки дар он ба сокинони пойтахт 2677 ҷойи нави корӣ дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” пешниҳод шуд.

Сардори Раёсати кадрҳои ҶСП “НБО Роғун” Сайдулло Абдулаҳадзода мегӯяд, ки ҳоло барои нерӯгоҳ ронандагон, кафшергарон, муҳандисони гидроэлектромонтаж, лоиҳакашон ва дигар мутахассисон заруранд.

“Барои коргарон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст, яъне онҳо бо се вақт хӯроки гарм ва ҷойи хоб таъмин мегарданд”,- гуфт номбурда.

Таъкид шуд, ки аз 2677 адад ҷойи кори холии аз ҷониби ширкатҳои сохтмонии НБО “Роғун” пешниҳодгардида 1290 ҷои кор ба ҶСК “Тоҷикгидроэлектромантаж”, 880 адад ба ФҶСП “Туннели Садди Ориёно”, 70 ҷойи кор ба ҶДММ “Фароб”, 82 ҷойи кор ба ҶСП “Сохтмони асосӣ” ва дигар ташкилоту ширкатҳо тааллуқ дорад.

БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/х 20202972400015101000
ҳ/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶГ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:

93-866-82-64, 918-66-82-64.